**ДОНИШГОЊИ ДАВЛАТИИ САМАРЌАНД БА НОМИ АЛИШЕР НАВОЇ**

**ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯ**

**КАФЕДРАИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОЉИК**

# МАВЌЕИ ЖАНРЊОИ ЛИРИКЇ ДАР «МАЉМЎАИ ЉИЛОИ АХТАРОНИ СЎХ»


**ИЉРОКУНАНДА:** **ДОНИШЉЎИ КУРСИ IV**

**Њисомов Санљар Исмоилзода**

**РОЊБАРИ ИЛМЇ:** **проф. Љ.Њамроев**


**САМАРЌАНД-2014**

## Муќаддима

***ШИНОСАНДАМ МАРО БО ОН ЃУРУРИ КЎЊ,***
***ГИРАМ ИБРАТ ЗИ МАРДУМИ БАОРИ СЎХ.***

(Н.Нодирї)

Ўзбекистон пас аз истиќлолиятро ба даст даровардан роњи тараќќиёти худро пеш гирифт. Бо ташаббуси Президенти мамлакат Ислом Каримов анъанањои ниёгон ва арзишњои миллиамон аз нав эњё гардид. Аз љумла, ба њаёти мадані ва фарњангї эътибори калон дода шуда, дар ин соња чораву тадбирњо андешида шуд. Чи хеле ки медонем дар Ўзбекистон зиёда аз 130 намояндагони миллат истиќомат доранд ва њар як халќу миллат анъана ва арзишњои миллии худро пос дошта, барои рушду нумўи он кўшиш мекунад, ки тамоми шароитњо барои онњо фароњам оварда шудааст.

Адабиёти чандинњазорсолаи тољик низ имрўз дар Ўзбекистон риволљу равнаќ ёфта истодааст. Дар гўшаву канорњои тољикнишин наврасону љавонон, умуман мардуми тољик ба забони модариашон њарф мезанад, дарс мехонанд ва тањсили илм мекунанд, дар рушду равнаќи адабиёти тољик, адабиётшиносии тољик ширкат меварзанд.

Рисолаи мазкури мо рисолаи хатмии дараљаи бакалавриат буда, доир ба мавзўи «Мавќеи жанрњои лирикї дар маљмўаи «Љилои ахтарони Сўх» (мураттиб Љ. Љамол, Тошканд: Нашриёти Адабиёт ва санъати ба номи Ѓ.Ѓулом, 2002, ) мебошад. Бояд гуфт, ки дар бораи эљодкорони Сўх ва оиди асарњои онњо то њол тадќиќоте муайян ва амиќу муфассал бурда нашудааст. Танњо дар солњои аввали истиќлол баъзе намунањо аз ашъори шоирони Сўх ба кори хатмии Эркиной Султонова аз рўзномаву маљаллањо љамъоварї ва илова карда шудааст. Инчунин дар китоби дарсии синфи 11 (Ќамарзода А.Тошканд, 2005, 320 сањ.) аз шоирони Сўх Нодир Нодирї ва чанде шеърњои ў оварда шудааст. Пас, ягона манбае, ки дар бораи эљодкорони Сўх маълумот дода, аз эљодиёти онњо намунањо оварда шудааст, «Љилои ахтарони Сўх»

мебошад. Он бо саъй кўшиши њомии мањфили «Худафрўз» Њакимљон Сўфиев дар зери тањрири Љумъаи Љамол ба табъ расидааст, ки 29 эљодкор ва намунањо аз эљодиёти онњо оварда шудааст. Дар байни онњо эљодкороне њастанд, ки њам дар назм ва њам дар наср баробар ќувваозмої менамоянд.

Пеш аз он ки дар бораи мавзўъ сухан ронем, лозим медонем, ки дар бораи ноњияи тољикнишини Сўх ва гузаштаи он, њаёти маданию фарњангї, мактабњои адабї, доираи адабии он маълумот дињем.

Ноњия Сўх дар ќисми љанубї-ѓарбии вилояти Фарѓона, 120 километр дур аз маркази он љой гирифтааст. «Сўх ќисми таркибии ќитъаи тољикон буда, бурду бохт ва фарозу нишеби рољи паймудаи халќ, таърихи ќадим ва ѓании ниёгонро тањассум менамояд.[1] Водии Сўх сарзаминест, ки онро олимону муњаќќиќон яке аз марказњои тамаддуни классикии ориёї ба ќалам дода, дар таърихи башар њамчун марзи ќадимаи саккоињо ва дертар суѓдиён шинохта шудааст. Дар бораи таърих, љуѓрофия, њаёти маданї, адабию фарњангии он то њол ягон асари мукаммале офарида нашудааст.

Њол он ки мувофиќи маълумотњо Сўх таърихи сењазорсола дошта, њанўз дар њазорсолаи якуми пеш аз милод њамчун шањри мутараќќї арзи вуљуд кардааст.[2]

Манбаъњои хаттї ва ёдгорињои таърихї далолат мекунанд, ки шањри Сўх дар замони салтанати шоњаншоњи Кайёнї-Кайхусрав бунёд ёфта, соли 714 ваќти истилои арабњо хароб гаштааст ва дертар дар ањди хонаводаи Сомониён эњё гардидааст. Дар асари барљастаи «Њудуд-ул-олам»-и Ибни Фариѓун (асри X) чунин маълумоти гаронбањое омадааст: «Сўх андар кўњест байни Бутамон ва Фарѓона, ўро шаст дењ аст»[3]. Ин маълумот шањодат медињад, ки Сўх њанўз њазор сол муќаддам макони ободу серањолии тољикон ба шумор мерафт.

[1] Обидљонов Б.,Љўраев Ф. Сўх андар кўњест….Конибодом-1993, сањ. 3-4.
[2] Сўх андар кўњест…, сањ. 5.
[3] Сўх андар кўњест…, сањ. 9.

Умуман, дар замони нав омўзиши таърих ва этнографияи водии Сўх фаќат аз солњои 50-60-уми асри гузаштаамон сар шудааст. Солњои аввали 50-ум аъзоёни экспедисияи этгорафии Фарѓона – Помир дар њайъати Н.Н.Кисляков бо тариќи њисобот зери унвони «Тољикони водии Сўх» нашр карда, бори нахуст дар бораи ањолии ин водї маълумоти мухтасар дода шудааст.[4]

Сўх, ки яке аз масканњои ќадимтарин аст, гузашта аз ин дар мавзеъњои гуногуни Сўх олимон, орифону фозилоне буданд, ки онњо чароѓи маърифатро афрўхта буданд, осори хеле зиёди назмию насрї офарида буданд.

Яке аз адабиётшиносон Сањобиддин Сиддиќов низ дар љараёни тайёр намудани матни интиќодии «Тазкират ул-ашъор» ва «Наводири Зиёия»-и Шарифљон Махдуми Садри Зиё ќайд намудааст, ки Сўх зодбуми шоиру фозилон аст. Сањобиддин Сиддиќов аз забони Садри Зиё меорад: «Мулло Муњаммадшарифи Сўхї шоирест сољибдевон, дар мадориси Бухоро тањсил карда ва муниси Ањмади Дониш буда…»[5].

Дар давраи истиќлол низ мардуми Сўх аз имкониятњои фароњам истифода бурда, барои боз њам нашъунамо ёфтани адабиёти њазорсолаи тољик њиссаи худро гузошта истодаанд. Анъанаи устоди шогирд низ ба хубї ба роњ монда шудааст. Ба ѓайр аз ин мањфилњои адабї, мактабњои адабї низ амал мекунанд, ки дар онњо мавќеъ ва эътибори эљодкорони фидої ба монанди Нодир Нодирї, Абдурањим Бењбуд, Рањмонљон Очилдизода ва ѓайра босазо аст.

Имрўз дар Сўхи кўчак зиёда аз  нафар 40 нафар шоиру нависандагон ќалам ронда, дар атрофи мањфили адабии «Худафрўз» муттањид гаштаанд. Ба ѓайр аз ин, дар пешрафти доираи адабии Сўх њаёти адабї, умуман сањми мактаби адабї – эљодии Нодир Нодирї хеле калон аст. Шоир Нодир Нодирї дар тарбияи як ќатор шоиру нависандагони нољияи Сўх њиссаи калон дорад.

[4] Сўх андар кўњест…,сањ. 10.
[5] Љилои ахтарони Сўх, сањ.5.

Фарзонаи Хўљандї дар сарсухани маљмўаи ашъори СадриддиниЊушёрї, ки «Гулдастаи ишќ» ном дорад ва соли 2000 дар Хўљанд ба табъ расидааст, чунин мегўяд:

«Сўхзамин макони назаркардаи азизон аст. Чашмаяке дорад бисёр шоир. Чашмаяке, ки шеърњои шаффофи булўрї мегўяд. Чашмаяк оинаи бузурге њаст, ки тарњи бошукўњи осмонро, офтоби мењрубонро, анбўњи дарахтони хушбахту шодобро ва њар касу чизи дигарро, ки рў ба ин оина овардаанд, муљаддат мекунад. Ва шоир њам дар пиндори ман њамин тавр оинае дорад. Номаш шеър. Оинаи покљавњаре дорад, ки зиндагиро, инсонро, ашёро, ваќту фазоро дар њаљми хеш ба ќадре, ки метавонад, ѓунљоиш медињад.

Ман бисёр шодам, ки дар њалќаи суханварони Сўхзамин чењрањои тозае рўнамо гашта, инсонњои худшиноси ин кўњназамин дар ин гўша забони модариро ба тадриљ рушд медињанд, чароѓи бемислро дубора меафрўзанд ва ба талхкомон ќанди порсиро арзонї медоранд».[6]

Њамин тавр, муњите, ки дар Сўх ташаккул ёфтааст, худи сўхиён номњои гуногуни чун «мањфили адабии Сўх», «мактаби адабии Сўх» нињодаанд, ки ба вазъи адабии имрўзаи Сўх он ќадар мувофиќат намекунад. Дар њамин љо овардани фикри доктори фанњои филологї, профессор Садрї Саъдиевро оиди њаёти адабии Сўх ва эљодкорони он овардан дуруст аст: «Сарзамини Сўх дар харитаи љуѓрофии адабиёти тољик нуќтаи нав аст, дар таърихи навини ин адабиёт арзи вуљуд карда ва дар замони мо чун яке аз маконњои муайяну муќаррари он шинохта ва эътироф карда шудааст.

Дар таърихи дуру наздики гузаштаи фарњангу адаби мардуми Сўх ба чунин маќому манзалат соњиб набуд. Эњтимол дар замонњои пешин аз ин диёр баъзе адибон ба зуњур омада, фаъолияти эљодии онњо дар марказњо ва њавзањои адабии он давроњо љараён гирифта бошад…

---

[6]С.Њушёрї. Гулдастаи ишќ (Муаллифи сарсухан Фарзона), Хўљанд, 2000.

Њаёти адабї дар Сўхзамин  танњо дар замони мо ба љунбиш омад ва рўз аз рўз љўшу хурўш меёбад, то рафт вусъат мегирад. Дар ин љо сол аз сол ќаламкашони соњибистеъдод  ва њаваскорони шеъру адаб зиёд мешаванд, чунон ки теъдоди онњо аз њар яки дигар нуќоту минтаќањои адабиёти тољикии имрўзаи кишвари Ўзбекистон бештар аст. Чунончи, дар Самарќанд маркази деринаи адабиёти тољик дар ваќти њозира тахминан 25 нафар эљодкорони сухан ва њаваскорони шеъру адаб фаъолият доранд, њол он ки дар Сўх теъдоди онњо бештар аз 40 нафар аст.

Бедории адабї дар Сўх ва мавќеи хосса гирифтани шеъру адаб дар њаёти фарњангии имрўзаи мардуми он њодисаи тасодуфї нест. Ин њодисаи адабї бевосита бо **худшиносии фарњангї ва миллии** мардуми Сўх вобастагї дорад.

Маќоми Сўх дар забону адабиёти њозираи тољикии Ўзбекистон хеле баланд аст. Бо назардошти њамин љунбиши адабие, ки дар ин диёр чун ќисми таркибии адабиёти тољикии љумњурии мо ташаккул меёбад, бояд ба кадом шакле номзад шавад, - ин масъала ранги принсипиалї мегирад. Худи адибони Сўх ва алоќамандони шеъру адаби он, чунон ки дар маљмўањои адабии дастљамъии онњо зикр шудааст, фаъолияти эљодии муташаккилонаи худро ба таври хоксорона ба номи «мањфили адабї» ба забон гирифтаанд. Аммо ин унвон ба назари мо чи аз љињати фаро гирифтани теъдоди зиёди ањли эљод ва чи ба эътибори вусъату равнаќи љунбиши адабї ба маќомї адабии Сўх муносиб наафтодааст. Чаро ки мафњуми «мањфили адабї» доираи танги ташкилоти адабиро мефањмонад. Болотар ва васеътар аз он мафњуми «доираи адабї» вуљуд дорад, ки ба он номзад кардани созмони адибони Сўхро маќбултар мешуморем. Ѓайр аз инњо боз мафњумњои «њавзаи адабї» ва «маркази адабї» низ мављуданд, ки нисбати њаёти адабии минтаќањои васеи љуѓрофї ва шањрњои калони  марказї номзад мешаванд. Масалан, «њавзаи адабии Мовароуннањр», «њавзаи адабии Хуросон», «њавзаи адабии Њинд», инчунини «маркази адабии Бухоро», «маркази

адабии Самарќанд», «маркази адабии Хўљанд» ва ѓайра мегўянд. Вале равшан аст, ки ин ду мафњум ба созмони адабии Сўх мувофиќ намеоянд. Мафњуми «муњити адабї» бошад, хилофи он ки чун созмони васеи њаёти адабї тасаввур карда  мешавад, дар асл ба чигунагї ва сифати њаёти  адабї ишора менамояд. Аз ин рў, он метавонад дар мавридњои муносиб нисбати «доираи адабии Сўх» ба кор бурда шавад»[7].

Њамин тавр, дар доираи адабии Сўх шоиру нависандагони соњибистеъдод хеле зиёданд, ки  мањсули эљоди онњо дар матбуоти даврї низ рўи чопро дидааст ва имрўз њам намунањои ашъори шоирони Сўхро дар рўзномањои «Овози тољик», «Садои Сўх» диданамон мумкин аст. Доир ба рўзномаи «Садои Сўх» гуфтанамон мумкин аст, ки он як навъ оинаи адабиёти Сўх аст, барои он ки як сањифи он баъзан ду сањифаи он пурраи адабї – бадеї аст, гарчанде ки он рўзномаи њокимияти нођия асту ранги сиёсї – иљтимої дорад.

То њол дар Сўх як чанд шоиру нависандагон эљод мекунанд, ки баъзе онњо њатто  ба дараљаи мактабдор расидаанд, ки Нодир Нодирї аз зумраи онњост. Шоир Нодир Нодириро ќариб, ки њамаи шоирони Сўхзамин устоди худ мешуморанд. Ў тўли чанд сол мањфили «Худафрўз»-ро рањбари карда омадааст.

Чи хеле ки дар боло гуфтем, намунањои эљодии шоиру нависандагони Сўх дар рўзномаву маљаллањо нашр мешавад. Њамчун эљодкорони бењтарин Бањриддин Тољиддинов, Олимљон Олимов, Њамробой Илњом ва ѓайраро номбар кардан мумкин аст. Пас аз истиќлолият аввалин манбае, ки дар бораи шоирону нависандагони нођияи Сўх ва эљодиёти онњо маълумоти нисбатан пурратар медињад, маљмўаи мазкур, ки зери тадќиќ ќарор додем, мебошад. Боз як ќатор шоиру нависандагон соњиби маљмўањои шахсии худ мебошанд. Ба ѓайр аз ин боз як чанд маљмўањои хурд – хурд низ дастраси хонандагон гардидаанд. Барои мисол: «Гулдастаи ишќ» (С.Њушёрї, Хўљанд,

[7] Саъдиев С. Тезисњо барои конференсия. Донишгоњи давлатии Самарќанд.

2000), «Љилои ахтарони Сӯх» (мураттиб Љ.Љамол, Тошканд, 2002), «Сухрӯд шоњиди бостони ман аст» (Асад, Тошканд: «Истилол», 2005), «Таќдир» (Н.Мањматова, Фарѓона, 2009), «Накњати гулњои Лазар» (мураттиб Љ.Собиров, Фарѓона, 2008), «Фурӯѓи маънї» (мураттиб Љ.Собиров, Фарѓона, 2011), «Гулгашти хаёл» (Н.Сунатулло, Тошканд, 2011), «Рангинкамони умр» (Р.Тошматов, Тошканд,2011), «Шукронаи Ватан» (Р.Ањмадзод, Фарѓона, 2011) ва монанди инњоро номбар кардан мумкин аст, ки дар онњо мањсули андешањои амиќи муаллифон, афкори ишќї, фалсафї, ватандїстї, инсонпарастї, шукргузорї ба ватани озоду обод ва њаёти фаровон, мавзӯъњои модар, ишќ, ахлоќ, муњаббат, таърих, дӯстї, табиат ва ѓайра дарљ гардидаанд.

Аз дохили ин мавзӯъњо аз њама љолиби диќќаташ мавзӯи Ватан ба шумор рафта ягон шоире нест, ки дар васфи Сӯх шеър насуруда бошад. Агар яке бо кӯњњои осмонбӯсу бовиќори Сӯх ифтихор кунад, дигаре бо мардуми сарбаланду њимматбаланд ва мубориз мефахрад:

*Ин вољаи Сӯх нишони аљдоди ман аст,*
*Ободии ӯ закмати авлоди ман аст.*
*Ин боѓу гулистонашу анњори зулол,*
*Бо фахр бигӯям, ки бунёди ман аст.*[8]

Аз ин маљмӯањо баъзеашон насрї мебошанд ва дар баъзеи онњо назму насрро дар якљоягї дидан мумкин аст. Масалан, «Шукронаи Ватан», «Таќдир», «Гулгашти хаёл» маљмӯаи ашъор бошанд, дар маљмӯањои «Фурӯѓи маънї», «Накњати гулњои Лазар» назму наср дар омехтагї омадаанд.

Масъалаи дигар дар њаёти Сӯх рӯзномаи «Садои Сӯх» мебошад, ки дар боло як навъ ишора карда гузаштем. Ин рӯзнома соли 1951 таъсис гашта то имрӯз арзи вуљуд дорад. Ин рӯзнома сирф ба забони тољикї буда, намунањои эљодии шоиру нависандагони сӯхиён асосан тавассути њамин рӯзномаи

[8] Фурӯѓи маънї (маљмӯаи дастљамъї). Ф., 2011, саќ. 67.

кӯчак дастраси хонандагон  гардидааст. Балки аз сабаби шароити мусоид набуданаш ва тангии доираи иљтимоию иќтисодии мардум бештари намунаҳои ашъори шоирони Сӯх дар рӯзнома чоп шудаанд, на дар шакли китоби алоҳида ва ё маљмӯа.  Чи хеле ки гуфтем Нодир Нодирӣ чанд солҳо маҳфили эљодкорон – «Худафрӯз»-ро сарварӣ кард, фаъолияти ин маҳфил низ бевосита ба рӯзномаи «Садои Сӯх» вобастагӣ дорад гӯем, хато намешавад. Барои он ки шоир Нодир Нодирӣ баробарӣ маҳфили адабӣ – бадеии «Худафрӯз»-ро роҳбарӣ намудан вазифаи муҳарририи рӯзномаи «Садои Сӯх»-ро низ ба љо меовард. Мутаассифона, ин шоир соли гузашта мардуми моро падруд гуфту ба олами фано рафт.

Дар эљодиёти шоирони Сӯх зуллисонайнӣ ҳам ба дараљае риволљ ёфтааст. Аниќтараш шоирони зуллисонайн дар майдони адабиёт ба ду забон як хел шеър мегӯянд. Онҳо ҳам ба забони тољикӣ, ҳам ба забони ӯзбекӣ асарҳо офаридаанд, маљмӯаҳои худро ба табъ расонидаанд. Агар маљмӯаи ашъори баъзе шоирон, аз љумлаи Эркин Даврон – «Сӯлим Сӯх наволари», С.Ҳушёрӣ («Сӯхлик гузаллар») ва ѓайра ба забони ӯзбакӣ ба табъ расида бошанд, баъзеи дигар шоирон маљмӯаҳои худро ба ду забон ба табъ расондаанд, маљмӯаи «Таќдир»- и Н.Маҳматова ба ин мисол шуда метавонад. Ба ѓайр аз ин дар эљодиёти шоирон жанри муламмаъ, яъне штру шакар низ ба назар мерасад, ки дар васфи Ватан, дӯстӣ гуфта шудаанд:

*Соѓинар ҳатто, ки хуршеди фалак шабҳо туро,*
*Туймагай ҳуснингга ою ахтарон ҳам дар само.*
*Ерда олам аҳли ҳардам ташнаи дидори ту,*
*Оналардек сен азизу мӯътабар ҳастӣ ба мо.*[9]

Мардуми Сӯх, умуман сӯхиён  ҳамеша кӯшиш мекунанд дар арсаи адабиёти тољикзабони  имрӯза ќувваозмоӣ намоянд. Баъзе аз эљодкорон берун аз Сӯх низ ба ёди Сӯх пайваста эљод мекунанд. Аз онҳо Марямбонуи

[9] Суннатулло Н. Гулгашти  хаёл. Т., 2011, саҳ. 12.

Фарѓонї, Зафар Сўфї, Масъуд Мирзо ва боз чандеро номбар карданамон мумкин аст.

Њамин тарика, дар боби авали рисолаи мазкур дар бораи жанрњои анъанавї дар маљмўаи «Љилои ахтарони Сўх» маълумот дода мешавад. Боби якум бештар ба масъалањои назарї бахшида шудааст. Вобаста ба масъалаи шакл дар ин боб баъзе шеърњо аз љињати мазмун низ тањлил карда шудаанд. Дар боби дуввум дар бораи шаклњои нави шеърї маълумот додаем. Яъне намунањои бењтарини шеърњоро аз дохили маљмўа мавриди баррасї ќарор додем. Хулоса карда гўем, рисолаи мазкур аз рўи њамин масъалањо ба муќаддима, ду боб ва хулоса таќсим карда шудааст.

# БОБИ 1. ЖАНРЊОИ АНЪАНАВЇ ДАР МАЉМЎАИ «ЉИЛОИ АХТАРОНИ СЎХ»

Аввало, доир ба мафњуми жанр бояд гуфт, ки он «мувофиќи таърифи Н.Т.Колпакова типи таърихан ташаккулгардидаи ќолаби адабиест, ки функсияи муайяни иљтимоии њамин навъи санъат таќозо намудааст ва мутобиќи рўњи мазмун сурат бастааст»[10]

Жанрњои адабї аз рўи хусусиятњои худ ба намуд ва гурўњњои гуногун људо мешавад. Кори мазкури мо, ки ба шеъру шоирї дахл дорад, аз њамин боис мо низ оид ба жанрњои лирикї маълумот медињам.

Одатан дар адабиётшиносї истилоњи жанрро гуногун мефањманд. Гоње назму наср, гоње драматургияро низ жанр меномад.

Дар адабиётшиносии тољик њангоми ташхиси жанрњои лирика муносибати гуногун зоњир карда мешавад. Масалан, баъзењо таърих, чистон, муаммо ва амсоли инњоро њам жанр мешуморанд. Агар барои ташхиси жанр масъалаи шакл дар аввал гузошта шавад, навъњои мазкури шеър жанр њисоб ёфта наметавонанд, зеро њељ яке аз онњо шакли мушаххасу ягона надорад ва њар яке дар шаклњои рубої, дубайтї, маснавї ва ѓ. арзи вуљуд мекунад.

Барои ташхиси жанр ќонунияти мавзўъ ва мундариљавии асар ањамияти пурзўр дорад. Аммо дар ин масъала агар роли шакли он њам гирифта шавад, мувофиќи њаќиќат хоњад буд.

Лирика бинобар ќадимтарин љинси адабї буданаш дар таърихи адабиёти њар як халќ мавќеи пешравро ишѓол менамояд. Халќњое, ки бинобар сабабњои гуногуни таърих адабиёти хаттї надоштанд, соњиби адабиёти дањонї, аз љумла лирикаи халќї мебошанд.

Аз жанрњои анъанавии адабиёти тољик фард, дубайтї, рубої, ќитъа, маснавї, ѓазал, ќасида, мусамматњо, тарљеот, њикояи лирикї, достони лирикї, таронањо шеър, рубої-тарона ва боз чанде жанрњои омехтаро номбар кардан мумкин аст.

---

[10] Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. Д.,1990, сањ. 133.

Азбаски лирикаи њар як халќ мувофиќи мафкураи љамъиятї, завќи эстетикї, табиати забон ва омилњои дигар дар шаклњои гуногун арзи вуљуд мекунад, ин љо пеш аз њама дар бораи жанрњои анъанавии лирикаи тољик маълумот оварда шуда, вобаста бо ин мавќеи жанрњои анъанавї дар маљмўаи мавриди тадќиќ хоњад баррасї шуд.

«Љилои ахтарони Сўх» - тазкираи эљодкорони ноњияи Сўхи вилояти Фарѓона аст, ки намунањо аз эљоди ќаламфарсоёнро фаро гирифтааст. Пеш аз он ки оиди масъалаи асосї суханро оѓоз намоем, боядгуфт, ки дар маљмўаи мазкур назму наср омехта омадааст. Яъне номи шоиру нависандагон аз рўи њарфњои алифбо љойгир карда шудааст. Аз њамин сабаб мо аз дохили онњо асарњои манзумро мавриди баррасї ќарор медињем.

Дар маљмўа њамагї 29 эљодкор оварда шуда, чи хеле ки дар боло гуфтем, аз онњо ќисме дар назм, ќисме дар наср ва баъзе њам дар назму њам дар наср асар офаридаанд. Аз дохили 29 нафар эљодкор 11 нафар дар шеър гуфтан ќувваозмої намудаанд, ки онњо Дилшўх, Масъуд Мирзо, Неъмати Суннатулло, Нодир Нодирї, Одили Комил, Рањмонљон Очилдизода, Рашиди Аќраб, Рустами Њусейнзод, Садриддини Њушёрї, Њакимљон Эргашев ва Њамробой Илњом мебошанд. Дар эљодиёти ин шоирон аз жанрњои анъанавї, ки дар боло зикр гаштанд, ба ѓайр аз фард, ќасида, маснавї дигар њамаи онњоро мушоњида намудан мумкин аст. пеш аз он ки жанрњои анъанавиро дар эљодиёти ин шоирондида бароем, оиди он жанрњо таваќќуф намоем.

Чандин аср ин љониб ќонунияти љиддии рубої ва дубайтї аз љониби шоирон риоя шуда омадааст. Дубайтиро бинобар аз рўи ќофия ва миќдори мисраъ ба рубої монанд буданаш, бо он омехта мекунанд. Дар адабиётшиносї гоње ду истилоњи мазкурро ба љои њамдигар кор мефармоянд, гоње ин ду жанрро як мешуморанд. Дар асл дубайтї жанри мустаќил ва ќадимаи халќии лирикаи тољик мебошад. Яъне дубайтї – чунон жанри лирикие мебошад, ки барои ифодаи эњсосоти ќалбию андешаи ќањрмаони лирикї эљод мешавад ва њамагї як вазни анъанавї дорад.

Дубайти њамон навъе, ки аз номаш њам маълум аст, аз ду байт таркиб ёфта, гоње њамаи мисраъњо њамќофия мешаванд. Тарзи ќофиябандии он асосан ***ааба*** аст. Доираи мавзўоти дубайтї васеъ буда, он њасби њол, шикоят, муњаббат, ишќ, табиат, модар, њаљву танќид ва ѓайраро дар бар мегирад.

Дар маљмўаи мазкури мавриди пажўњиши мо њамагї 66 дубайтї љамъ омадааст. Яъне теъдоди дубайтї дар маљмўаи мазкур 66 ададро ташкил мекунад. Чи хеле ки гуфтем, доираи мавзўоти дубайтї васеъ буда, он њасби њол, шикоят, муњаббат, ишќ, табиат, модар, њаљву танќид ва ѓайраро дар бар мегирад. Чунончи, дар мавзўи ишќу муњаббат:

*Дареѓо, рози дил ба њам нагуфтем,*
*Вароќ аз ќаъри дил умре нуњуфтем.*
*Агарчї кишвари мо беканор аст,*
*«Канори њамдигар як шаб нахуфтем».*[11]

Аз сабаби он ки дубайтї хусусияти барљастаи эњсосї дорад, ягон шоире нест, ки дар ин жанр сухан нагуфта бошад, шоир њиссиёти самимонаи худро аз ин ё он масъала, предмет, њолату њодисањои њаётї баён мекунад.

Мисоли дигар аз устод Нодирї:

*На дар фасли хазон пажмурда гардам,*
*На дар айёми ях дилмурда гардам.*
*Чу бинам муфлисеро бо сари хам,*
*Њазорон печ хўрда, хўрда гардам.*[12]

Њамин тавр, дубайтї аз љумлоаи жанрњое њисоб мешавад, ки дорои ќонунияти равшани шаклию мундариљавист. Асоси ин жанри кўњна халќї буда, ягон шоире нест, дубайтї нагуфта бошад.

Дубайтињои бењтарини Нодир Нодирї, Њамробой Илњом, Неъмати Суннатулло, Рашиди Аќраб, Садриддини Њушёрї, Рањмонљон Очилдизода ва ѓайра дар маљмўа љамъ омадаанд.

[11]Љилои ахтарони Сўх. сањ 192
[12] Њамин маљмўа. сањ. 129

Рубої низ ба мисли дубайтї аз чањор мисраъ иборат буда, яке аз жанрњои пањншудатарини жанри адабиёти хаттиву шифоњї ба шумор рафта, аз нуќтаи назари ќофия бо дубайтї шабоњат дорад ва аксаран ќофия мисраи сеюми он њам озод буда, дар шакли ***аааба*** меояд. Дар сурате ки њар чор мисраи ў њамќофия шавад, он гоњ онро рубої – тарона низ меноманд. Доираи тематикаи рубої низ чун дубайтї васеъ аст ва  мавзўъњои гуногун, ба мисли ишќу муњаббат, фалсафї – ирфонї ва ѓайраро дар бар мегирад.

Шарти асосии рубої он аст, ки дар вай ягон масъала, њолат, ќонуният, умуман ягон чизи зиндагї тарзе баён мешавад, ки аз он натиљаи ибратангез њосил бошад. Чунончи, Неъмати Суннатулло дар пайравии Хайём, ки рубоиро ба њадди камолаш расондааст, менависад:

*Рўзе, ки гузашт з-он даме ёд макун,*
*Дилро ба хаёли рўзи нав шод кунам.*
*Чун банди аљал ба зўри ман во нашавад,*
*Сад хирмани ѓамба шодї барбод кунам.*[13]

Чи навъе ки таъкид намудем, доираи тематикаи рубої низ чун дубайтї васеъ аст ва  мавзўъњои гуногун, ба мисли ишќу муњаббат, фалсафї – ирфонї ва ѓайраро дар бар мегирад.

Мисоли дигар:

*Ман зодаи Сўхи бостонам ёрон,*
*Аз мардуми камнишон нишонам ёрон.*
*Чун бехабарон аз ину он менозанд,*
*Ман насли асилину онам ёрон.*[14]

Дар таърихи адабиёт гуфтани **рубоиёти мавќуф** ва **рубоиёти мусалсал**ро њам таљриба кардаанд. Рубоиёти мавќуф дастаи рубоиёте, ки маънои асосї мавќуф аст ба рубоии охирин. Рубоиёти мусалсал – силсилаи рубоињое, ки дар як мавзўъ ва дар атрофи образи асосии ягона гуфта

[13] Њамин маљмўа. сањ. 113
[14] Њамин маљмўа. сањ. 171

шудааст. Аммо дар таърих ин навъи силсилањо муваффаќият пайдо накардаанд.

Дар зер яке аз чунин таронаро меорем, ки дар васфи Ватан гуфта шудааст:

*Эй диёри пуршукўњам, дилрабоям, Сўхи ман,*
*Бўстони дилкушову ѓамрабоям, Сўхи ман.*
*Аз ту як лањза људої камтар аз сад сол нест,*
*Хоки ман, афлоки ман, оњанрабоям, Сўхи ман.*
*Лаззати зардолуву себи ту рашки шаккар аст,*
*Сарзамини камзаминат кони тилло, гавњар аст.*
*Ќуллањои сарбаландат такягоњи осмон,*
*Обишират поку ширин њамчу шири модар аст….*[15]

Њамин тавр, дар маљмўа ин гуна шеър – рубоињо бештар вохўрда, мавзўъ ва мундариљаи онњоро васфи ватан, васфи табиат, аз љумлаи наврўз ва ѓайра ташкил мекунад.  Дар маљмўа гурўњи шеъру таронањое низ вомехўранд, ки муайян намудани жанри онњо имконнопазир аст. Яъне онњо дар ягон жанри муайян навишта нашудаанд.

Ѓазал аз жанрњои асоситарин ва маъмултарини адабиёти мумтоз ва муосири тољик ба шумор меравад. Чи хеле ки маълум аст, «Ѓазал» дар луѓат ба маънои изњори ишќу муњаббат омадааст. Аз ин рў, ѓазал яке аз жанрњои алоњидаи лирикї буда, аксар дар мавзўи ишќ  дар њаљми 7-12 байт навишта мешавад ва ќофияи ягонаи сохти ***аа, ба, ва,*** … дорад.

Ѓазал одатан аз 7 то 12 байт мешавад гуфтем, дар њолати аз 7 байт камтар дар њаљми 4 байт ва аз 12 байт бештар дар њаљми 20-25 байт њам дида мешавад.  Дар ѓазал ќофияи ягона нигоњ дошта мешавад ва аз хусуси ќофия дорои њамин хусусияти ягона аст.

Ѓазал аз љињати вазн мањдудият надорад. Шоири тавоно онро метавонад дар њар вазн нависад. Ин сухан чунин маъно надорад, ки дар

[15] Њамин маљмўа. сањ. 153

кадом вазн эљод шудани ѓазал таню ба ќудрати шоири ѓазалсаро вобаста бошад. Дар асл чигунагии вазни ѓазалро *мавзўъ, мазнун*, бештар аз њама матлаби ѓоявии шоир муайян мекунанд.

Аз ин рў, ѓазал дар адабиёти мумтози форсу тољик мавќеи басо муњим ва мустањкамро сољиб аст. Амир Хусрав, Мавлавї, Шайх Саъдї, Хоља Њофиз, Камоли Хўљандї, Љомї, Бедил, Соиб, Њилолї, Восифї дар ѓазалсарої машњури олам гаштаанд. Ѓазал дар эљодиёти њар якеи онњо мазмуни тару тоза касб кардааст ва ба ќуллаи баландтарини худ расидааст. Дар давраи адабиёти маорифпарварї, умуман давраи бедории миллї ѓазал дар эљодиёти Возењ, Шоњин, Аљзї, Асирї, Мунзим, Њайрат ва ѓайра мазмунњои нав пайдо кард. Яъне онњо дар шакли анъанавї – суннатии ѓазал мазмунњои љидии иљтимоїро љо додаанд.

Дар адабиёти муосир низ шоирон ѓазал гуфтаанд. Аз Айнї то Лоиќ як ќатор шоирон ѓазал офаридаанд. Аз ин рў, ѓазал аз жанрњои суннатї, яъне анъанавї њисоб шуда, дар доираи Сўх низ як ќатор шоирон бо ѓазалњои худ ба майдони адабиёт ворид гаштаанд, яъне ѓазал гуфта тавонистаанд. Дар маљмўаи мазкур теъдоди ѓазал 54 адаро ташкил намуда, аз шоирон асосан Њамробой Илњом, Нодир Нодирї, Садриддин Њушёрї, Одили Комил, Масъуд Мирзо, Неъмати Суннатулло, Дилшўх дар мавзўъњои гуногун ѓазал гуфтаанд:

Ѓазали мазкури Дилшўх дар васфи ишќу ошиќї гуфта шудааст, ва дар он асосан образњои «ошиќ», «зулф», «ёр», «фалак-осмон, дањр» тасвир гаштааст:

*Фатњ созад дањри дунро истилои ошиќї,*
*Љонфидої мекунам ман аз барои ошиќї.*
*Бо нигоње банди зулфи дилбареро мекашам,*
*Шањд борад шавќи дил аз ибтидои ошиќї.*
*Бахт борад аз сарам аз осмони ишќи ёр,*
*Кош мебуд бо музаффар интињои ошиќї.*

*Ёди ширинаш ба маќсуд мерасонад коми дил,*

*Бас њамин бошад мудом ин муддаои ошиќї.*

*Љони ширин бо назокат ишвасозї мекунад,*

*То ки бошад сарвинози босазои ошиќї.*

*Эй фалак, гар зиндагї бо ёри дилљў хуштар аст,*

*Алњазар аз олами мотамсарои ошиќї.*[16]

Дар ѓазалњои Нодир Нодирї бошад, дар ќатори мавзўи ишќи Ватан мавќеи асосиро ишѓол мекунад, яъне ѓазалњои асосии шоир ба васфи Сўх бахшида шудааст:

*Зи сози чашма бархезад навои Сўх,*

*Кушояд мурѓ болаш дар њавои Сўх.*

*Шикаста ќкасри ях аз кўњ бањор ояд,*

*Шавад салранга аз гулњо ќабои Сўх.*

*Аз он сўи макони гулпарињояш,*

*Биёрад накњати ёрам сабои Сўх.*

*Бишўяд рў шабаш з-оби ду рухсорат,*

*Шавад равшан дил аз субњи сафои Сўх.*

*Ба њар гаштат барї дилњо гуландомам,*

*Ту рашки гулшан рўнамої Сўх.*

*Расад аз ту бањори нозанин ин љо,*

*Туї љон боиси нашъунамои Сўх.*[17]

Ё ки ѓазали дигари шоир дар васфи Фарѓона гуфта шудааст:

*Дар миёни вољаљо дурдонаї, Фарѓонаи ман,*

*Бебањої, гавњари ягонаї, Фарѓонаи ман.*

*Бо љамолат бурдаи њуши љањон, водии заррин,*

*Дар тамоми бањру бар афсонаї, Фарѓонаи ман.*

*Бас бузургони љањонро парварад хоку њавоят,*

[16] Њамин маљмўа. сањ. 57
[17] Њамин маљмўа. сањ. 118-119

*Аз саду якАњмадат фарзонаї, Фарѓонаи ман.*

*Кўњу боѓу киштзорат дилкашандау асли љаннат,*

*Мулки кабку булбулу бедонаї, Фарѓонаи ман.*

*Духтаронат аз парињо гўї сабќат бурдаанд,*

*Аз хироми дилбарон љанонаї, Фарѓонаи ман.*

*Бо Хўќанду Марѓелонат тољи фахри ин љањонї,*

*Аз хурўши рўдњо мастонаї, Фарѓонаи ман.*

*Фурќататро, Эркинатро, Юлдузатро додаї ту,*

*Бар суруду шеърњо кошонаї, Фарѓонаи ман.*[18]

Бояд гуфт, ки шоирони дар боло зикр гашта, аз нуќтаи назари образофарї, мазмунофарї, сухансанљї чуќур нарафтаанд. Лекин баъзе ѓазалњои Одили Комил, Масъуд Мирзо, Неъмати Суннатулло љолиби диќќатанд ва дар онњо образњои классикии Юсуф, Зулайхо, образи Исо паёмбар, Марям, Мусии Имрон, Тури Сино, Сикандар, Доро ва монанди инњоро дидан мумкин аст:

*Юсуфи мо ба фарёди Зулайхо мерасад,*

*Исии Марям ба оѓўши чалипо мерасад.*

*Дар саводе бенишони мешавад шаб сарсафед,*

*Шонаи дасти сањар бар мўи мо то мерасад.*

*Дар лаби љў сабзањо бар гўши њам ѓайбат кунанд,*

*Бар чаман љилва, гар боди сабукпо мерасад.*

*Ишќ дилро мекунад дар фикри васлат, эй нигор,*

*Кай паёми ширине бар кўњкани мо мерасад.*

*Њар кї ёбад сояи сарви баланди ќоматаш,*

*Гўиё дар љаннат асту зери тубо мерасад.*

*Ин дили ботамкин аз ишќи меболад ба худ,*

*Мусии Имрони мо бар Тури Сино мерасад.*

*Чу хаёли рўи ту андар сарам печидааст,*

[18] Њамин маљмўа. сањ. 121

*Ин гули печони ман печида  боло мерасад.*

*Њайрат андар наргиси чашмони хоболуди ман,*

*Аз ќиёми љилвањои њайратафзо мерасад.*

*Сўз дорам чун сипанд аз ишќи оламсўзи ту,*

*Њалќањои дуди ман бар пои Исо мерасад.*

*Теѓи абрў бар сари мижгони чашмат чирадаст,*

*Чун Сикандар аз барои ќатли Доро мерасад.*

*Булбулї маънї рамад аз шохи ашъори сухан,*

*Бар чаман зоѓу заѓан бо шўру ѓавѓо мерасад.*

*Гарчї гардат мекунад чун осиё чархи фалак,*

*Одило, бо лафзи хуш номат ба фардо мерасад.*[19]

Љињати дигари эљодиёти шоирони Сўх дар он аст, ки онњо ба назирагўї низ пардохтаанд. Барои мисол, Дилшўх љавобан бар ѓазали «Мард агар ошиќ шавад, олам гулистон мешавад,\\ Зан агар ошиќшавад, охир пушаймон мешавад»-и шоираи Тољикистон Зулфия Атої бо мазмун ва образи нав ѓазали хеле таъсирнок ва љолиби диќќат гуфтааст:

*Зан агар оќил бувад, дар хона сарвар мешавад,*

*Мардро дар зиндагї њамрозу њамсар мешавад.*

*Хоси зан бошадвафову мењри ў чун чашмасор,*

*Дар самовоти муњаббат њамчу ахтар мешавад.*

*Марди буздил гар бишканад шишаи паймонаро,*

*Ёри љонаш меравад, чун ёри дигар мешавад.*

*Рашки мардон бесабаб љонро насўзонад њаме,*

*Зан равад бо майли худ гар, боди бесар мешавад.*

*Эй шумо, ањли мусалмон аз паи мантиќ равед,*

*Аз азал бо айби шў номи зан ѓар мешавад.*

*Дон, ки Дилшўх ин масалро файласуфон гуфтаанд,*

*«Зан шавад бадноми мардум, шавњараш хар мешавад».*[20]

[19] Њамин маљмўа. сањ. 132.

Њамин тавр, аз жанрњои анъанавї асосан мавќеи ѓазал ва дубайтї баландтар аст. Мавќеи рубої ќариб, ки ноаён мондааст, ва теъдоди он ба 8 адад њам намерасад.

Дигар аз жанре, ки дар маљмўа ба назар мерасад, суруд аст. онњо дар асоси эљодиёти дањонакии халќ суруда шуда, бештар бачагона њастанд ва ќисми зиёди онњо дар васфи модар, падар, табиат, наврўз суруда шудаанд. Барои мисол, шеърњои Рашиди Аќраб бештар оњанги бачагона доранд:

*Дар дунё аз њама њам,*
*Шахси азиз бароям.*
*Модарљон дар васфатон,*
*Чун булбул месароям.*
*Шумо боѓу бањорам,*
*Њам лолаи хандонам,*
*Номи азизи шумо,*
*Доим вирди забонам,*
*Шумо тољи сари ман,*
*Нурафшон ахтари ман.*
*Файзи хонаву дарам,*
*Сардору сарвари ман.*
*Модарљони дилнавоз,*
*Бошед шоду сарафроз,*
*Мисли Саъдии Шероз,*
*Бубинед умри дароз.*[21]

Ё ки дар васфи Наврўз:

*Бо њусни навбањорон,*
*Бо савти љўйборон.*
*Бо наѓмаи њазорон,*

[20] Њамин маљмўа. сањ. 56.

[21] Њамин маљмўа. сањ. 160.

*Хуш омадї, эй Наврўз!*

*Бо азми Коваёна,*

*Бо нози дилбарона,*

*Бо рози ошиќона,*

*Хуш омадї, эй Наврўз!*

*Бо шеъру бо тарона,*

*Бо ќалби шоирона,*

*Гўям њаме шодона,*

*Хуш омадї, эй Наврўз!*[22]

Амин љо як нуктаро ќайд намудан лозим аст, ки Наврўзи аљам дар эљодиёти шоирону Сўх  њамчун арзиши миллї ба сифати образи алоњида ташаккул ёфтааст. Яъне онњо образи «Наврўз», «Наврўз»-и тољиконаи худро пайваста бо арўси сол Бањор дар шеърњои худ васф намудаанд. Аз њамин љињат, дар шеъри онњо «Наврўз» ба сифати образи алоњида омадааст, гўем њаргис хато нахоњад шуд. Барои он ки аксарият шоирони сўхї дар васфи Наврўз шеър гуфтаанд. Аз њама љолиби диќќаташ он аст, њатто нависандагон низ дар васфи Наврўз таронањо, таронањои мансур офаридаанд ва ин боз як исботи фикри болоии мост:

Наврўзи оламафрўз!

… Бањор андоми гулеро лўст медоштам. Чашмони хумори мешї, абрувони илол, рухсорони лоласон – гулгун, кокулњои майдабоф, ќомати сарвосои ў маро мафтун карда буд…

…Наврўзи дилафрўз! Воќеан, медонї, боз барои чї ин ќадар дўстат медорам? Охир, дилбарам низ номи туро дорад.

Марњабо, Наврўзи хушрўз![23]

Илова бар ин дар байни шеърњои Садриддин Њушёрї, Рустами Њусейнзод, Нодир Нодирї таронањоеро дучор меоем, ки асоси онњо

---

[22]Њамин маљмўа. сањ.  160-161.
[23] Њамин маљмўа. сањ.  175.

таронаҳои мардумї буда, дар онҳо оҳангҳои халќї, образҳои халќї ба назар мерасанд ва мардум онро зудтар ќабул мекунанд:

***Ҳай, гули гандумаке***

*Рўяки ту ранги гандум,*

*Бар ту афтид ишќи мардум.*

*Аз расиши хўшаи мут,*

*Ќалбаки ман мезанад гум.*

*Ҳай гули гандумаке*

*Дидаи мардумаке…*

*Раќсаки ту боди печон,*

*Печиши ту офати љон…* [24]

***Ошиќї расво кунї***

*Ман гуле сўят барам,*

*Чашм ба кўят барам.*

*Ханда балаб омадї,*

*Даст ба мўят барам,*

*Даст ба мўят барам,*

*Ишваю пардози ту*

*Чашмаки гулнози ту*

*Љони танам дар кашад,*

*Шўхию овози ту,*

*Шўхию овози ту.*

*Мўята боло кунї,*

*Ҳар киро шайдо кунї,*

*Рустами девонаро*

*Ошиќи шайдо кунї,*

*Ошиќи шайдо кунї.*[25]

[24] Ҳамин маљмўа. саҳ. 126

Ин гуна шеърҳо балки дар назари аввал оддии  мардумона намудор мешаванд, вале ин гуна шеърҳо тавассути оҳангҳои халқонаи  худ аз дили мардум ҷо гирифта метавонад. Ин гуна шеърҳо дар маҷмўа бештар вомехўранд, ки дар омехтагии жанрҳо навишта шудаанд, барои мисол, шеърҳое, ки дар боло овардем, дар омехтагии тарҷеъбанду таркиббанд омадаанд.

Бояд гуфт, ки дар маҷмўа шеърҳои гуногуне омадаанд, ки онҳо арзиши он қадар баланд надоранд, вале ҳатман таъкид намудан лозим аст, ноҳия Сўх дорои муҳити хоссаи худ аст. Яъне дар онҷо ягон услуби эҷодии муайян вуҷуд надорад. Ҳар як эҷодкор аз хондаҳои худ, азхудкардаҳои худ илҳом мегирад. Манбаи илҳоми баъзе шоиронро бошад, сафарҳои кишвари хориҷа ташкил мекунад. Барои мисол, Масъуди Мирзо ва фаъолияти ў бо Эрон вобаста аст, аз ҳамин сабаб, дар шеърҳои ў ба ғайр аз шеърҳои анъанавї шеърҳои нав низ вомехўранд, ки онҳо бевосита дар таъсири шеъри нави Эрон ба амал омадаанд.

Чи хеле ки дар боло шеърҳои халқона, бачагона ва монанди инҳоро дидем, онҳо аз хусусиятҳои дохилии худи эҷодкорон, тахайюли худи эҷодкоронро талқин намудаанд. Сабаб дар он аст, ки Сўх ва ҳаёти адабии он, умуман Сўх аз марказҳои адабї, доираҳои адабї, муҳити адабии чун Самарқанд, Бухоро, Хўҷанд, Қўқанд ва ғайра дур аст. аз ҳамин сабаб дар боло таъкид намудем, ки Сўх дорои муҳити хоссаи худ аст. Дар доираи адабии Сўх таъсири адабї, робитаҳои адабї, мактабҳои илмї – адабї, услубҳои эҷодии конкрет амал намекунад.  Аз ҳамин сабаб эҷодкорон дар доираи афкори худ, ҷаҳонбинии худ асар меофаранд, ки дар онҳо як навъ характеру хислат ва афкори мардуми сўхиёнро талқин мекунад.

Агар нуқтаи назари имрўз нигоҳ кунем, маҷмўа аз камбудиҳо холї нест. Барои он ки дар он аз теъдоди ками шеърҳои шоирон оварда шудааст. Дар давоми панҷ соли охир маҷмўаи ашъори ҷудогонаи баъзе шоирон,

[25]Ҳамин маҷмўа. саҳ.  165

љумлаи Расулбеки Ањмадзод, Неъмати Суннатулло, Садриддин Њушёрї, Эркин Даврон, Назираой Мањматова ва ѓайра ба табъ расидаанд, ки онњо тамоми ашъори онњоро фаро мегирад. [26]

Њамин тариќа, аз жанрњои дигари анъанавї мухаммас аст. Мухаммас яке аз навъњои мусаммат буда, аз панљ мисраъ иборат мешавад.

Дар адабиёти мо равияе мављуд аст, ки шоирон онро пазируфтаанд ва он низ шоиронро ба худ љалб намуааст. Шоирон як ѓазали машњури ягон шоирро мегиранду ба њар як байти ў мухаммас мебанданд. Яъне шоир се мисра аз худаш меорад ва ду мисраи дигарро аз ягон ѓазали шоир њамроњ мекунад ва онро њатман ишора мекунад. Барои мисол, шоир Одили Комил яке аз ѓазали машњури Мавлоно Љалолиддини Румї, ки бо тахаллуси Шамси Табрезї эљод кардааст, мухаммас бастааст:

*Аз паси мансаб марав, к-ин комронї бигзарад,*
*Бандаи нафсат машав, бехонумонї бигзарад,*
*Кулфату ѓам бар сар ояд, шодмонї бигзарад,*
*«Дил дар ин дунё мабанд, дунёи фонї бигзарад,*
*Навбати пирї чу ояд, нављавонї бигзарад».*

*Рўзи мурдан њељ бошад молњои лак-лакат,*
*Лек бањри тангае сўзад чу чашми зоракат,*
*Њељ аз гул мешавад пур киссањои бетагат,*
*«Эй, ки дорї боѓу бўстон, молу мулку мамлакат*
*Боѓи ту вайрона гардад, боѓбонї бигзарад».*

*Эй, ки дар байни халоиќ сагмизољ аз кирдугор,*
*Пањлпаонї менамої њамчу марди корзор,*
*Љои озори касон ёрї намо бар ѓайру ёр,*

---

[26]Номи маљмўањои шоирони номбурдашуда дар муќаддима омадааст.

*«Эй, ки дорї зўри бозў дар љањони номдор*
*Даври ту њам бар сар ояд, пањлавонї бигзарад».*

*Умри инсон бигзарад њар як даќиќа ноаён,*
*Он ађал дар зери пои њар яки пиру љавон,*
*Мепарад тири ађал аз зери по гањ ногањон,*
*«Ин ађал њамчу пул асту љони мо чун корвон*
*Ногањон бинї, ки з-он пул корвоне бигзарад».*

*Бода хўрдан монда чун мерос аз даврони хеш,*
*Бањри май ман коса гирам, комаи чашмони хеш,*
*Одило, њар гањ ба мандењ бода бо дастони хеш,*
*«Шамси Табрезї ту донї њолати мастони хеш*
*Корњо њам ба сар ояд, кордонї бигзарад».*[27]

Дарњаќиќат, ѓазали Мавлавї илњомбахши шоир гаштааст гўем, њаргиз хато нахоњад шуд. Зеро шоир исбот намудааст, ки асари њаќиќї доимо зинда аст. Мазмуне, ки Мавлавї аз ин чанд аср пеш офаридааст, шоир тавассути мухаммас љовидии онро собит кардааст. Љињати дигари он бошад, шоир шеъри худро бо рўњияи замона офаридааст. Ва ин чиз фикри болоии мо, љовидии ѓазали Мавлавиро бори дигар собит хоњад кард.

Дар байни шеърњои Одили Комил мураббаъ, яъне чун чањорпора, ки бештар дар эљодиёти Лоиќ, Муњаммад Иќбол вомехўранд, низ эљод кардааст, ки мазмунњои хосса касб намудааст:

*Ќуллањои кўњсорат роздори коинот,*
*Моњи нав хонад ба даври анљум оёти наљот,*
*Аз дили пурљўши софи чашмањои обшор,*
*Офтоби пир нўшад њар сањар оби њаёт.*

[27] Њамин маљмўа. сањ.133

*Рўди шўхат яшти озоди сарояд зери лаб,*
*То даронад нолаҳояш пардаи гўши талаб.*
*То ба ваќти субҳ дасти сабзаву райҳону гул,*
*Мешуморад донаи тасбеҳи шабнамро ба шаб.*

*Мардуми оринажодат сарбаланду аҳли ор,*
*Аз нажоди рустаму аз тухмаи Исфандиёр.*
*Вориси Синою Саъдї, Ҳофизу Мавлои Рум,*
*Тоҷикони боѓуруру хоксору тоҷдор.*

*Тифли табъи ман зи оби мадҳи ту гирад вузўъ,*
*То ки васфи хоки ќудсият намояд мў ба мў.*
*Нохалаф бошам, надонам ќадри обу хоки ту,*
*Эй Миҳан! Эй Сўх! Эй мадҳи умеду орзў!*[28]

Дарҳаќиќат, ишќи Ватан волотар аз ҳама ишќ аст. Шоир эҳсосоти худро нисбат ба Ватан тасвир намудаасту аз гузаштаи худ ифтихор кардааст. Бе сабаб нест, ки худи шоир номи ин шеърашро «Яшти озодї» номидааст. Мардуми тоҷик мардуми озодандешу озодфикр аст. Барои исботи фикри худ Рустаму Исфандиёрро меорад, мардуми тоҷикро боѓурур мегўяд, бо вуҷуди ҳамин хоксор ва ба ор будани онро таъкид менамояд. Бояд гуфт, ки шоир ҳар чанд дар васфи ватан, дар васфи Сўхи кўчак шеър мегўяд, пеш аз ҳама ў зодаи даврони худ, замони худ аст. Ба худшиносиву худогоҳии таърихї ишора намудани шоир балки таъкид ба замона ва мардуми давронаш аст, ки баъзе нохалафону хоинон аз асли худ дур гаштаанд.

Ба ѓайр аз ин, дар маҷмўа шеърҳои ахлоќии тамсилї низ вомехўранд. Масалан, дар шеъри ирсолулмасал *«Кулба ва кушк»-и* Нодир Нодирї мазмуни хеле баланди ҳаёти воќеї дида мешавад:

---

[28] Ҳамин маҷмўа. саҳ.130

*Даруни кулбаи худ чолу кампир*

*Нигаҳ аз дар набардоранд то субҳ,*

*Бо роҳи омадаш бигзашта аз хоб,*

*Ба моҳу ахтарон ёранд то субҳ.*

*Писархондӣ ба ҷон парвардаҳошон,*

*Раҳи ин кулбаи тифлӣ надонад.*

*Барояд ҳар гаҳе аз кушк мошин,*

*Ба дилҳо аз паси он дуд монад.*

*Саду як кӯча донад соҳиби кушк,*

*Ба роҳи як қадам гумроҳ бошад,*

*Шаб асту моҳу анҷум нур резанд,*

*Писар дар он саро чун шоҳ гардад.*

*Валекин як қадам аз қасри ӯ дур,*

*Даруни кулба дуди оҳ гардад.*[29]

Шоир Нодир Нодирӣ тавасути образҳои «кулба», «кушк», «дуди оҳ», «қаср», «шоҳ», «писархонд» («ятим») ва монанди инҳо як асари ахлоқӣ офаридааст, ки аз он ҳар лаҳза панд гирифтан мумкин аст. Яъне шоир дар шеъри худ зиддияти ҳаёти воқеиро ба тарзи этикӣ тасвир намудааст.

Чихеле ки дар боло таъкид намудем адабиёт дар Сӯх дур аз марказ ва доираҳои адабӣ ба таври ба худ хос риволҷ меёбад. Дар шеърҳои баъзе шоирон таъсири шеърҳои Эрон, Руссия ба назар мерасад. Масъуд Мирзо, ки дар боло фаъолияти онро ба Эрон вобаста намудем, дар қатори шеъру таронаҳои анъанавии дар шакли ғазалу дубайтӣ навиштаи худ шеъри нав низ мегӯяд, ки албатта, онро таъсири шеъри муосири Эрон гӯем хато намешавад, шеъри мазкури Масъуд Мирзо дар васфи зимистон гуфта шудааст:

*Зимистону сапеду сард,*

*Туро ман дӯст медорам.*

*Туро ман дӯст медорам ба мисли хоби шабҳангом,*

---

[29]Ҳамин маҷмӯа.саҳ.125

*Ки бар љону тани хаста мадори тоза мебахшад.*

*Ту бар модар – табиат хоби ширинї,*

*Ту бар модар – табиат хоби рангинї.*

*Зимистон сапеду сард,*

*Замин андар паноњи форами сабру сукути ту,*

*Чу гавњар дар садаф хуфта,*

*Хаёлам хоб мебинад ба хобаш – хоби хушфоле.*

*Ва аз файзи њамон як хоби рост ояд,*

*Яке субњи сафопарвар,*

*Мавлуди бањор  ояд.*

*Аё фасли сапеду сард,*

*Туро ман дўст медорам.*

*Вале њоло маро маъзур медорї,*

*Ки аз будани дуру дарози ту,*

*В-аз ин якрангиву аз ин навои якнавози ту,*

*Њастии ман бенавову  тираву беранг шуд.*

*Мављњои хандаасм аз оњњои сарди ту*

*Дар рухам ожанг шуд.*

*Аё фасли сапеду сард,*

*Маро маъзур медорї.*

*Ки аз сабру сукути бардавому хирагињоят,*

*Сукути сабри ман охир сар омад.*

*Биё, хўшбошї мегўем,*

*Бирав, то навбањор ояд.*

*Аё фасли сапеду сард,*

*Намебинї?*

*Ба рўи тираи њастї навои нестї пайдост.*

*Бимон, хуршеди фарвардин зиёи зиндагї резад!*

*Ба Наврўз изни омад дењ, ки аз файзи ќадамњяш,*

*Равони ман тавоне гираду хоки аљал безад!*

*Зимистони сапеду сард,*

*Ба мисли тирамоњ, мисли бањорон,*

*Ту њам мењмонї медонам.*

*Вале мењмонї се рўз аст, медонї?*

*Ба мењмонии ту се моњ гаштааст…*

*Нигар њарра зарра хок њар решаи сабз,*

*Ба сад љон ташнаву зори бањор аст.*

*Аё фасли сапеду сард,*

*Медонам.*

*Ту њам як бандаї, дармонпазирї.*

*Ту њам монанди ман монанди дунё.*

*Ба љуз наќшу ба љуз рўъё набошї*

*Ва рафта омадат низ хоњиши ўст.*

*Вале хоњам,*

*Барои њурмати халлоќ,*

*Ки моро хал инмудааст.*

*Барои њурмати њастит,*

*Ту њам боре Худоё бошї…* [30]

Дар њаќиќат, шакли наву мазмуни нав. Дар доираи адабии Сўх ин гунашеърњоро метавонем, шеърњои нав гўем. Зеро ки шоир дар ин шеър тавассути образњои гуногуни ба мисли *табиат, зимистон, бањор, Наврўз*[31]*, гавњар, садаф, мављи ханда, ожанг, хуршеди фарвардин, дунё, халлоќ* ва ѓайра тамоман мазмунњои нав офаридааст. Аз ин рў, бояд таъкид кард, ки шоир Масъуд Мирзоро шоири мазмунофар аст. Тавассути образи «зимистон» шоир тавонистааст, њам фасли бањор, њам фасли тирамоњро тасвир кунад. Дар шеър мазмунњои фалсафї як навъ бо мазмунњои ишќї омезиш ёфтааст.

[30] Њамин маљмўа.сањ.58-60.
[31] Дар боло ба сифати образи махсуси алоњида таъкид кардем.

Илова бар ин хеле бо услуби содда ва равону фаҳмо навишта шуда, тасвирҳои бадеии барҷаста, тасвирҳои халқӣ низ мавҷуданд, ки дар хонадибоб шудани шеър хизмат намудаанд. Аз ҷумла, *пас аз гузаштани зимистон ва оғози баҳор дар моҳи фарвардин*[32]*файзу таровати хосса, рӯҳияти тоза бахшидани офтоби баҳорӣ, офтобе, ки чанд моҳ зери болҳои зимистон хуфта буд, барфи сапед ва замин, замине, ки зери кӯрпаҳои сап - сафед тӯли чанд моҳ, чун дар батни модар хобида, маќоли халќии* ***«меҳмонӣ се рӯз аст»*** ва монанди ин гуна тасвирҳои бадеии барҷаста, ба шеър мазмуни тоза бахшидаанд, ки ин аз истеъдоди шоир низ далолат медиҳад.

Умуман, дар Сӯх муҳити хоссае ба амал омадааст, ки он танҳо ба Сӯхва сӯхиён хос аст. Ба он маънӣ нест, ки асарҳои эҷодкорони Сӯх танҳо дар доираи Сӯх маҳдуд гардидааст, балки ба он маъно, ки манбаи илҳоми мардуми Сӯх асосан мардуми худи ҳамон ҷо аст. Сӯхиён аз эҷодиёти даҳонии мардумӣ низ хеле бой ҳастанд, ки хусусиятҳои эҷодиёти онҳо дар ягон маскани дигари тоҷикнишин ба назар намерасад. Исботи ин сурудҳои «Вовайло» («Ёвайло») аст. Ҳамин тариќа, чи хеле ки борҳо дар боло таъкид намудем, маҷмӯаи «Ҷилои ахтарони Сӯх» аввалин маҷмӯае мебошад, ки дар бораи эҷодкорони Сӯх маълумоти нисбатан пурратар медиҳад ва онро тазкира – баёз ҳам меноманд.

Оиди масъалаи дар боби мазкур гузошата шуда, фикру мулоҳизаҳои худро баён намуда, як навъ таҳлил намудем. Дар натиҷа маълум шуд, ки дар маҷмӯаи мазкур аз дохили 29 нафар эҷодкор, ки аз онҳо 11 нафарашон шеър гуфтаанд, мавќеи асосиро ѓазал ва дубайтӣ ишѓол менамояд. Пас аз он, бештари шоирон шеърҳое гуфтаанд, ки аксаран дар жанри омехта, дар вазни ҳиҷо ва ё ин ки хеле соддаю халќона аст ва баъзе сабабҳои он дар боло зикр гардидааст. Дар маҷмӯаи мавриди тадќиќ мавќеи жанрҳои анъанавӣ баланд аст. Яъне бештари шоирон ќариб дар жанрҳои анъанавӣ эҷод намудаанд,

---

[32] Дар солшумории шамсӣ моҳи аввали баҳор аст.

танњо баъзеи онњо дар гуфтани шеъри нав кўшидаанд дар ин љода мањорати худро нишон дода тавонистаанд.

Дар доираи кўчаки адабии Сўх баъди ин маљмўа дигар маљмўаи эътимоднок ба табъ нарасидааст.  Бояд гуфт, ки аз баъзе њаваскорон  барои љамъ овардани асарњои адибони Сўх ва умуман тољикони водии Фарѓона камар бастаанд. Дар оянда онњо чун китоби алоњида дастраси хонандагон хоњанд гашт. Чунончи, шоир мегўяд:

***Ало, Нодир, туї шоир, саро шеърат,***
***Ба њаќќи тољикони тољдори Сўх!***[33]

[33] Њамин маљмўа.сањ.118.

## *БОБИ 2. ШАКЛЊОИ НАВИ ШЕЪРЇ*

Дар муќаддима ва боби аввали рисолаи мазкур асосан дар бораи доираи адабии Сўх, мактабњои адабї, мавќеи шоирон, шеъру шоирї, мавзўъ ва мундариљаи ашъори шоирон, баъзе хусусиятњои жанрии ашъори онњо ва ѓайра сухан рондем. Дар боби дуввум бошад, дар бораи шаклњои нави шеърие, ки на фаќат дар маљмўа, балки дар маљмўањои алоњидаи шоирон љамъ омадаанд, сухан меронем ва онњоро мавриди баррасї ќарор медињем.

Чи хеле ки ба њамаи мо маълум аст, «таъсирпазирї ва асаргузории байнињамдигарии адабиётњо, ки равобити адабиро ба майдон меорад, агар дар марњилаи таќлид боз намонда, ба таври эљодкорона пеш равад, боиси такомули минбаъдаи онњо хоњад гардид. Таъсирпазирї њодисаи табиї ва шарти ногузири инкишофи адабиётњост». Аммо ин масъала дар маљмўаи мавриди тадќиќ, умуман доираи адабии Сўх хеле кам дида мешавад.

«Таи якчанд сада, ки шохањои адабии ќавмњои эронї аз њам дур афтода, дар алоњидагї инкишоф доштанд. Панљоњ соли охир то ба имрўз љараёнњояшон ба сўи якдигар роњ мељўянд. Аниќтараш, пас аз солњои шастуми ќарни гузашта аз нав ба роњ гузашта шудани алоќањои адабии гусастаи чандинасра байни адабиёти тољику эрониву афѓонї ва баргузори синпозиуми байналхалќии назми форсизабон (1967) љунбише дар назми тољик омада, шоирони моро ба навгарої водошт ва ин боиси таѓйироти тадриљии сифатї дар он гардид. Яъне шаклњои нави шеърї, аз ќабили шеъри нав, нимої, озод ва дертар сафед дар осори шоирони пешгоми замон нисбати солњои пешин бештар љойгузини шаклњои маъмулии шеърї гаштанд. Шеъри озод њарчанд дар адабиёти муосир пеш аз ин собиќа дошт, аммо дубора рўњияи тоза касб намуд»[34].

Чи тавре ки дар боло айнан таъкид намудем, дар Сўх муњити хоссае ба амал омадааст, ки он танњо ба Сўх ва сўхиён хос аст. Ба он маънї, ки асарњои эљодкорони Сўх танњо дар доираи нохия мањдуд гардидааст, манбаи

[34] Њазратќулиён Дилшода. Поэтики шеъри Фарзона. Тошканд, 2011, сањ. 42.

илњоми мардуми Сўх асосан мардуми худи њамон љо аст. Сўхиён аз эљодиёти дањонии мардумї низ хеле бой њастанд, ки хусусиятњои эљодиёти онњо дар ягон маскани дигари тољикнишин ба назар намерасад. Оид ба масъалаи асосї гуфтанамон мумкин аст, ки баъзе шоирон аз асарњои хондаи худ гиранд, ба дигари онњо аз сабаби сафар карданашон берун аз Сўхмарз таъсири ягон муњит ё доираи адабї, ё худ ягон шоири дигар дида мешавад.

Барои мисол, баъзе шоирон ба Руссия, Эрон сафар кардаанд ва як ќисми фаъолияи онњо ба њамон љо вобастагї низ дошта, бевосита муњити беруна дар њаёти онњо наќши худро гузаштааст ва таъсир расондааст, ки минбаъд дар ашъори онњо акси худро ёфтааст. Дар боло яке аз шеърњои Масъуд Мирзоро дидем, ки диќќати моро љалб намуда, баъзе образњои онро тањлил менамоем.

Дар шеъри Масъуд Мирзо таъсири шеъри сафед бештар аст. Масъуд Мирзо њамчун журналисти номї дар садо ва симої Эрон тўли чанд солњо фаъолият нишон додааст ва имрўз муњаррири барномањои тољикии садо ва симои вилоятии Фарѓона фаъолияти худро идома медињад. Барои њамин њам дар таъсири муњити Эрон шоир дар гуфтани шеъри нав муваффаќ гаштааст ва тавонистааст, образњои љолиби диќќат ва мазмунњои нав офарад.

Аз ин рў, њангоме ки сухан аз таъсирпазирии шоирони сафаркарда меравад, дастовардњои онњо дар назм нишон медињанд, ки онњо њамеша љўё ва њассос буда, дар таќлиди мањз намондаанд. Чунин ба назар мерасад, ки онњо дар баробари њусни таваљљўњ доштан ба адабиёти халќњои дигари муосир андеша ва андўхтањои худро дар шеърашон баён кардаанд. Аз љумла, дар истифодаи санъатњои бадеї, зарбулмаслу маќолњои халќї ва монанди инњо ба шеъри онњо боз њам бадеият бахшида, ба табъи мардуми шеърдўсти Сўх, умуман адабиёти *имрўзаи* мо мутобиќ гаштаанд. Дар шароити имрўза, хусусан шароити Сўхро ба инобат гирем, ин гуна шеърњоро моли асили адабиёт њисоб кунем њаргиз хато нахоњем кард. Ба сифати

муњаќќиќ холиси ашъори шоирони Сўх дар маљмўаи мавриди тадќиќ њаминро гуфтанамон лозим аст, ки шароити имрўзаи мардумамонро, нафаќат Сўх, балки дигар доира, мактаб ва  мањфилњои хурди адабї, ки дар ќаламрави Ўзбекистон арзи вуљуд доранд,  ба њисоб гирифта, њар як мисра, байт, аниќтараш шеъри оддитарине, ки мардуми тољик месарояд, бо ањсантњо ќабул намоему онњоро на танќид кунем, гарчанд арзиши паст њам дошта бошанд, балки дастгирї намуда, барои бењтар шудани фаъолияти минбаъдаи онњо ёрию дастгирии худро дареғ надорем. Зеро ки мардуми мо бо шеър, бо шеъру Рўдакию Фирдавсї, Саъдию Њофиз, Љомию Навої, Бедилу Њилолї, Айнию Турсунзода, Лоиќу Бозор зиндаанд.

Дар шеъри сафеди болоии Масъуд Мирзо, ки он ***«Зимистони сапеду сард»*** унвон дорад, тасвир ва образњои ба худ хоссаро дучор меоем, ки љолиби диќќат аст.

Шоир тавассути образи ***барф***, дар зимистон заминро чун кўрпа рўпўш кардани он, дар зимистон зери барф бо интазории бањор хуфтани заминро тасвир карда, онро ба ***гавњари дар садаф хуфта***, дар љои дигар ***модар*** ташбењ медињад.

*Замин андар панохњи форами сабру сукути ту,*

*Чу гавњар дар садаф хуфта,*

Ё ин ки масъали дигар собит менамояд, ки шоир фалсафаи пурзўри њаётиро сохиб аст ва он ба модар – замин худро вобаста медонад. Боз як хусусияти дигари образофарии шоир дар он аст, ки ў ба фардо ба чашми умед менигарад. Вай ба омадани рўзи дигар албатта боварї дорад, ки аз њаётдўстии шоир далолат медињад. Ќањрамони шоир ишќ, ишќу муњаббати табииро дар худ таљассум намуда, пас аз зимистон, пас аз як чанд муддат сабру сукут, бо гузашти рўзњои сарди зимистон боз бањор омаданашро таъкид мекунад. Яъне ќањрамони ў некбин аст.

*Зимистони сапеду сард,*

*Хаёлам хоб мебинад ба хобаш – хоби хушфоле,*

*Яке субњи сафопарвар,*

*Мавлуди бањор ояд.*

Ба омадани бањор боварї дорад, ки албатта бањор меояд, ки ин хусусият, ин љињати ќањрамон дар адабиёти классикї низ маълуму машњур буда, гуфта метавонем, ки ин гуманизм аст. Барои исботи ин мазмун дар шеъри Масъуд Мирзо аз Њофизи Шерозї як байт меорем:

*Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ѓам махўр,*

*Кулбаи эњзон шавад рўзе гулистон, ѓам махўр!*[35]

Дар банди дигари шеър низ њамин мазмун ба таври дигар омадааст, ки шоир дар њар як лањза бањорро ёд мекунад:

*Аё фасли сапеду сард,*

*Маро маъзур медорї.*

*Ки аз сабру сукути бардавоми хирагињоят*

*Сукути сабри ман охир сар омад,*

*Биё, хўш бошї мегўем,*

*Бирав он навбањор ояд.*

Ин гуна тарзи тасвири шоир як навъ мазмунњои ишќї касб кардааст. Шоир тавассути образи *«зимистони сард»* ба мањбубаи худ мурољиат мекунад ва чун аз паи шаби торик омадани субњи сафед, чун аз паи зимистон сард омадани бањори нозанин, аз вафои мањбубаи бевафои худ умед дорад.

Хусусияти дигари образофарии шоир дар он аст, ки он аз сурреализм низ моњирона ва хеле табиї истифода бурдааст. Сурруализм чунин љараёнест, ки дар ибтидои асри XX дар Аврупо ба вуљуд омада, баъди солњои 80-ум тавассути адабиёти рус ва эрон ба мо омадааст, ки дар он асосан воќеа ва њодисањо дар шакли хобу хаёл амалї мегардад. Ин навъи тасвир дар шакли анъанавї низ дар адабиёти тољик вуљуд дошта, дар

---

[35] Шерозї Њофиз. Девон. Тошканд, 2013, сањ. 296.

эљодиёти шоирони маорифпарварї чун Аљзї («Миръоти ибрат»), Асирї («Тимсол») дида мешавад. Њамин тавр, дар ашъори шоирони муосири Сўх низ, чун М.Мирзо ин тарзи тасвир ба назар мерасад:

*...Хаёлам хоб мебинад ба хобаш – хоби хушфоле,*

*Ва аз хобаш як хоби рост ояд,*

*Як субњи сафопарвар,*

*Мавлуди бањор ояд.*

Њамин љо истедоди шоир бараъло намоён мегардад, ки анъанањои классикиро чун навоварї ба шери нав дохил карда тавонистааст. Аз ин рў, М.Мирзоро шоири навовар аст.

Санъатњои бадеии тамсил, ташхис, ташбењ низ дар ин шеър вуљуд дошта, аз санъатњои љолиби диќќати њамаи давраи адабиёт аст. Ќањрамони шоир њамчун ошиќи бањор, ошиќи Наврўз бо зимистон рў ба рў ба мулоќот медарояд. Тавоноии шоир дар он аст, ки бањорро хушку холї бе Наврўз тасвир карда наметавонад ва ин муносибати онро ба арзишњои миллии ниёгонамон низ нишон медињад. Масъалаи ба арзишњои миллии ниёгонамон, ба мисли Наврўз ќариб, ки дар тамоми ашъори шоирони Сўх ба назар мерасад, ки дар боби аввал онро чун образи алоњида ва илњомбахши шоирони Сўх таъриф додем:

*Аё фасли сапеду сард,*

*Намебинї?*

*Ба рўи тираи њастї навои нестї пайдост.*

*Бимон, хуршеди фарвардин зиёи зиндагї резад!*

*Ба Наврўз изни омад дењ, ки аз файзи ќадамњяш,*

*Равони ман тавоне гираду хоки аљал безад!*

Боз дили шоир бањор мељўяд. Пас аз гузаштани зимистон ва оғози бањор дар моњи фарвардин файзу таровати хосса, рўњияти тоза бахшидани офтоби бањорї, офтобе, ки чанд моњ зери болњои зимистон хуфта буд, барфи сапед ва замин, замине, ки зери кўрпањои сап - сафед тўли чанд моњ, чун дар

батни модар хобидаасту олами њастиро дидан мехоњад, яъне дили ќањрамони шоир бањор мељўяд.

Таъбирњои халќиро низ дар шеъри нав љой додан ва аз онњо моњирона истифода бурдан аз шоир истедоди баландро талаб мекунад. Дар ин шеър истифодаи маќоли халќии ***«мењмонї се рўз аст»*** дар љои худ хеле табиї омадааст:

*Зимистони сапеду сард,*

*Ба мисли тирамањ, мисли бањорон,*

*Ту њам мењмонї медонам.*

***Вале мењмонї се рўз аст, медонї?***

*Ба мењмонии ту се моњ гаштааст…*

*Нигар њар зарра хок, аз решаи сабз,*

*Ба сад љон ташнаву зори бањор аст.*

Шоир дар њамин љо дар зимни образњои тирамоњ, бањор, худи зимистон ба гузаранда будани фаслњои сол низ ишора карда, ташнаи бањор будани њар зарраи хок, њар решаи сабз, ки зери он хобидааст, таъкид мекунад. Ин мазмунњо бошад, аз мазмунњои ќуръонї дур нест. Зеро Худо инсонро аз хок офарида, ба он љон ато  кардааст. Аз ин рў, то рўзи ќиёмат њар як шахсе, ки ба дунё меояд, сарнавишти вай аллакай офарида шуда  ва фаќат ба дунё омадани замони онњо гуногун аст. Шояд ки шоир аз решаи сабз ба сад љон ташнаву зори бањор буданро ба таври рамзї гуфта шуда, ба замон ва љамъияти худи шоир нигаронда шудааст. Ин гуна мазмунофарии шоирро метавонем ба як рубоии машњури Умари Хайём шарњ дињем:

*Онон, ки кўњан буданду онон, ки наванд,*

*Њар як паи якдигар якояк бишаванд.*

*В – ин мулки љањон ба кас намонад љовид,*

*Рафтанду равему боз оянду раванд.*

Шоир дар љои дигар афкори худро, андешањои худро ба Худо вобаста мекунад. Аз ин бармеояд, ки шоир ба тасаввуф низ рў овардааст. Чи хеле ки

вай бо зимистони сапеду сард рӯ ба рӯ истода гуфтугӯ мекард,  ба вай хитобан мурољиат намуда, онро «бандаи дармонпазир» мегӯяд. Онро ба монанди худ ба дунё ташбењ медињад ва ба љуз наќшу ба љуз рӯё набошї гӯён таъкид мекунад. Омаду рафтани ӯро ба хоњиши Худо мепайвандад. Њамин љо як нуктаи асосї ва барљастаи тасаввуф таъкид мегардад. Мувофиќи аќидаи ањли тасаввуф дар ин олам ба ѓайр аз Худо дигар њама чиз сароб аст, танњо мављудияти Худо њаќ аст. Онњо танњо Худоро тан мебаранд, ки он вуљуд дорад. Дигар тамоми њама чизе, ки дар дунё мављуд аст, он сароб аст.

*Медонам,*
*Ту њам як бандаї, дармонпазирї.*
*Ту њам монанди ман монанди дунё,*
*Ба љуз наќшу ба ќуз рӯё набошї.*
*Ва рафту омадат низ хоњиши ӯст.*

*Вале хоњам,*
*Барои њурмати халлоќ,*
*Ки моро халќ бинмудааст,*
*Барои њурмати њастит,*
*Ту њам боре Худоё бошї.*

Пас, маълум мешавад, ки дар шеъри шоир фалсафаи барљастаи њаёт пинњон аст. Гузаранда будани ин дунё, тасдиќ намудани фикри ањли тасаввуф ва онро хеле шоирона, моњирона, ба тарзи образнок ва табиї гуфтан кори сањл нест.

Чи хеле ки таъкид намудем, Масъуд Мирзо дарњаќиќат шоири навпардоз аст. Дар шеъри нави тољикї марраеро забт намудааст.  Вай дар шеъри худ аз санъатњои бадеии ташхис, ташбењ, истиора, як навъ мунозира, саволу љавоб, тазод ва ѓайраро истифода бурдааст, ки барои табиї баромадани шеъри он хизмат намудаанд.

Образњои «зимистон», «бањор», истифодаи калимаву иборањо ва тасвирњои бадеии «якрангу навои якнавоз» - «бенавову тираву беранг», «мављњои ханда»-«ожанги рух», «биё»-«бирав», «тираи њастї»-«навои нестї», «зиёи зиндагї» - «хоки аљал» ва ѓайра хеле табиї баромада, мазмунњои тоза бахшидаанду бадеияти асарро афзудаанд.

Дар боло масъалаи «сурреализм»[36]-ро таъкид кардем. Унсурњои ин љараёни адабї, таъсири ин љараён тавассути шеъри эрон бевосита дар шеъри шоир намоён гаштааст. Гарчанд дар боло доираи адабии Сўхро ба якчанд маънї мањдуд гуфтем, шоироне ба майдон омадаанд, дар арсаи адабиёт ќувваозмої карда метавонанд. Ба монанди Масъуд Мирзо сухани шоиронаи худро гуфта метавонанд.

Шеъри нав боз дар ашъори Рустаим Њусейнзод баназар мерасад, ки он њам дар таъсири сафарњои шоир ба майдон омадааст. Шеъри нав дар эљодиёти ин шоир њам бо мазмунњои тоза ба назар мерасад ва асосан мавзўи ишќро дар бар мегирад.

Шоир дар як шеъри худ ишќи худро дар мусофирї баён кардааст, ки аз оњанги шеър инро пай бурдан мумкин аст.

***О, войе дар зиндони ишќ***
*Ай париваш…*
*Ай нигори нозанин*
*Бо њама мадњуши мастї,*
*То ба кай дар хоби ѓафлат*
*Мешавам шайдои шайтон!*

*Ту маро мон як нафас  бар њоли худ*
*Мон, ки ман як марди ноккому ѓариб*
*Як љавони тоќаи рустои Сўх*
*Бо хаёли сарду оњи афсуни хастаи шаб*

[36] Оиди сурреализм дар боло гуфта гузаштем (сањ. 36-37).

*Дар хиёбонњои шањри тираи*

*дар остони ѓурбати худ бефара*

*Лоба дорад дар дилаш*

*бо ту бимонад*

*Њамнафас бо олами худ,*

*аз ту дур бо худ бимонад.*

*Ту вар обо љодуи чашмони худ*

*Њамчунин бо хандаи шайтониат*

*Инчунин бо ин њама лофу дили бедарди худ*

*Роми он дунёи нољўрат масоз*

*Ў кунун побанди он лофу суханњои ту нест…*

*Ай париваш…*

*Ай нигори нозанин…*

*То ки аз макри дилошўби ту ман ёбам амон,*

*Оварам сў рўи ќибла –*

*Љониби даргоњи Яздон!*[37]

Ќањрамони шоир дар ин шеър русто (дењќон) буда, худро танњо мешуморад. Вай ишќи аљнабиро умуман дунёи дигар мењисобад ва ошиќиро бар он чун хоби дар ѓафлат монда њисоб намуда, худро шайдои шайтон медонад. Шоир шањри бегонаро тира ба ќалам медињад, яъне хиёбонњои шањри тираро дар остонаи ѓурбати худ бефара (бефарањ - бешодї) мењисобад. Лекин дар дили он лобаи он ишќ мемонад, ки дар ваќти дурї аз ў њамнафас аст.

Шоир тавассути ин шеъраш як навъ муќоисакориро ба кор бурдааст. Бо суханњои бедарди он ишќи аљнабї бовар намекунад ва онро лоф њисобида, ба ў мурољиат мекунад, ки роми дунёи нољўраш масозад. Яъне шоир дунёи бегонаро нољўр њисобида намеписандад. Ќањрамони шоир аз макри он

[37] Њамин маљмўа.сањ.166.

дилошўб амон монда, ба ќибла рў меорад, ишќи илоњиро, ишќи Яздонро мепарстаду рўй ба ќибла меорад.

Дар боби аввал шеъри «Кулба ва кушк»- Н.Нодириро номбар карда гузашта будем. Пеш аз он ки ба тањлили шеър шурўъ кунем, як ду нуктаро таъкид карда мегузарем. Шоир дар навиштани шеър ба ягон жанри муайян риоя накардааст. Яъне, ки шоир ќолабшиканї намудааст. Шоир пеш аз њама барои баён намудани мазмун кўшидааст, ки дар натиљаи он ќофияи шеър дар шакли анъанавї риоя нагаштааст. Дар шеър мисраъњои њамќофия бе тартиб омадаанд ва онро ба ягон жанри муайян дохил намудан хатост:

***Кулба ва кушк***

*Даруни кулбаи худ чолу кампир*

*Нигањ аз дар набардоранд то субњ,*

*Бо рољи омадаш бигзашта аз хоб,*

*Ба моњу ахтарон ёранд то субњ.*

*Писархонди ба љон парвардањошон,*

*Рањи ин кулбаи тифлї надонад.*

*Барояд њар гање аз кушк мошин,*

*Ба дилњо аз паси он дуд монад.*

*Саду як кўча донад соњиби кушк,*

*Ба рољи як ќадам гумроњ бошад,*

*Шаб асту моњу анљум нур резанд,*

*Писар дар он саро чун шоњ гардад.*

*Валекин як ќадам аз ќасри ў дур,*

*Даруни кулба дуди оњ гардад.*

Ин шеърро, ки ба ягон жанри муайян дохил кардан ноњоиз аст, њамчун як асари этикї, ќабул намудан мумкин аст, мазмуни онро пурра њаёти воќеї ташкил медињад. Бевосита гуфта метавонем, ки асоси ин шеърро њаёти реалї ташкил мекунад ва њама тасвирњо воќеї буда, балки ба худи шоир вобаста бошад. Аз њамин љињат дар байни ќањрамони шоир ва шахсияти ў чї гуна

алоќамандї ва ё пайванд буданаш ба мо ноаён мондааст. Аз мазмуни шеър низ инро фањмидан душвор аст.

Ин асари ахлоќии шоир арзиши баланд дошта, аз он сабаб дар боби «шаклњои нави шеърї» овардем, ки аллакай аз љињати муносибати шаклу мазмун асари нав аст. Барои он ки дар доираи адабии Сўх ба вуљуд омадани ин гуна асар худ як њодисаест, фикри касро нисбат ба рўњи забони тољикї, ба рўњи миллат, умуман мардуми тољик рўшан мегардонад. Чи хеле ки дар боло борњо таъкид карда гузаштем, дар шароити имрўза на балки ин гуна асарњоро танќид намоем, онњоро то дараљае тадќиќ намуда, њамчун моли адабиёт муносибат намоем.

Њамин тавр, ин шеърро аз љињати шакл ба як њикояи хурди этикї ташбењ додан мумкин аст, ки дар худ њикмати њаётро акс гардондааст. Шоир барои ифодаи мазмун ба интихоби шакли муайяну мушаххас даст назадааст. Шоир барои баён кардани фикру андешањои худ интихоб намудани жанри муайян ва мушаххасро шикanандаи илњоми худ донистааст ва аз њамин боис як зайл шеър гуфтааст, ки дар ана њамин шакли парешон мазмуни дилхоњи худро баён карда тавонистааст. Масъалае, ки шоир интихоб намуда, мавриди тасвир ќарор додааст, масъалаи њаёти воќеї, масъалаи ахлоќї ба шумор меравад, ки аз он њар лањза ибрат омўхтан мумкин аст. Дар ин шеър як навъ зиддияти њаёт тасвир гаштааст.

Њамин тариќа, шоир тавассути образи чолу кампир ва писархонди онњо зиддияти њаётро кушода додааст. Агар ба ин масъала, ки шоир дар шеъри худ тасвир кардааст, чуќуртар назар афканем, ду мазмун дида мешавад. Агар дар мазмуни якум шоир «***писархонд***»ро ба маънои писари бегона, ки ба писарї хонда, тарбият карда шуда омада бошад, дар навбати дуввум гуфтањои шоир ба тамоми мардум як хел алоќаманд дорад. Мазмуни аввалро бо таъбири

*«Неши каждум на аз паи кин аст,*

*Муќтазои табиаташ ин аст».*

шарњ дињем, наздиктар мешавад. Ба маънои дигар гўем, шоир як фалсафаи њаётиро исбот намудан хостааст, ки ин он дар мазмуни дуввум дарљ гардида, дар байни мардум бо таъбири «дили оча дар бача, дили бача дар кўча» машњур аст.

Дигар аз хусусияти шаклии ашъори шоирони Сўх дар ќолабшикании онњост. Дар маљмўа шеърњои аз ќабили тарона, суруд љамъ омадаанд, ки дар онњо бештар оњанги халќона ба назар мерасад. Мисоли инро дар шеъри Нодир Нодирї дида мебароем:

***Ба билло ту накўкорї***
*Даруни куртаи атлас,*
*Даруни бастаи гулњо,*
*Ба лабханди шакаррезат,*
*Даруни растаи гулњо.*
*Ба билло ту накўкорї,*
*Ба билло ту суманбўї.*

*Аз оњи ошиќи ноком,*
*Зи байт шоири ноком,*
*Кунам дарку кунам эњсос,*
*Зи гулњо, эй гули бодом.*
*Ба билло ту накўкорї,*
*Ба билло ту суманбўї.*

*Ба њаќќи лолаи хушранг,*
*Бидењ соќї шароби ноб.*
*Гули гулњо, гули мањтоб,*
*Нилуфарсон ба рўи об.*
*Ба билло ту накўкорї,*

*Ба билло ту суманбӯї.*[38]

Ин шеър бештар љанбаи халќона дошта, шакли муайян надорад. Дар он як навъ омехтагии тарљеу таркиб, мухаммас дида шуда, метавонем ба суруд дохил намоем. Дар ин шеър мазмуни ишќї, ишќи халќона, як навъ ба тариќї бадења гуфта шудааст. Тасвирњо низ хеле содда ва халќона мебошанд. Дар муњити Сӯх ба вуљуд омадани ин гуна шеърњо ба характер ва афкори мардуми он љо бармеояд. Аз оњанги шеър маълум мегардад, ки он ба тафаккури мардуми Сӯх мутобиќат мекунад. Барои мардум, ки онњо аз марказ, муњит ва доирањои адабї дур њастанд, ин гуна шеърњо ва новобаста аз шакл писанд меояд. Дарњаќиќат, барои мардуми оддї аз шеърњои калони печ дар печ, мазмунњои чуќури мураккаб дида, шеърњои соддаи мардумона дар шаклњои гуногун фањмотар ва хонотар аст.

Мисоли дигарро дар њамин мазмун диданамон мумкин аст, ки дар боби аввал ќайд намудем:

***Њай, гули гандумаке***

*Рӯяки ту ранги гандум,*
*Бар ту афтид ишќи мардум.*
*Аз расиши хӯшаи мут,*
*Ќалбаки ман мезанад гум.*
*Њай, гули гандумаке,*
*Дидаи мардумаке.*

*Раќсаки ту боди печон,*
*Печиши ту офати љон.*
*Чун равам сӯят, гурезї,*
*Аз ту монад дил ба армон.*
*Њай, гули гандумаке,*
*Дидаи мардумаке.*

---

[38] Њамин маљмӯа.сањ.126.

*Шохаи хушбўяки ман,*

*Хам нагарди сўяки ман,*

*Дар забонам номат, аз ту,*

*Сиянђ шуд ду рўяки ман.*

*Њай, гули гандумаке,*

*Дидаи мардумаке.*[39]

Њамин тарикa, ин гуна шеърњо ќариб, ки дар эљодиёти њамаи шоирон вомехўранд ва њар як шоир мувофиќи љањонбинии худ образ, асари бадеї офаридааст, ки яке аз онњо васфи Наврўзи аљам аст. Љашни миллии мо – Наврўз ба сифати ќадрият, арзиши миллї ба шеъри онњо дохил шудааст, ки пайваста бо мавзўъњои васфи табиат,борони бањорї, гул ва монанди инњо эљод гаштаанд:

*Боронаки бањорї,*

*Охир ту кай меборї,*

*То кай бобои дењќон,*

*Мекашад интизорї.*

*Дашту даман интизор,*

*Боѓу чаман интизор,*

*Хурду калон  интизор,*

*Пиру љавон интизор...*[40]

Њамин љо боз як нуктаи асосиро ќайд намудан лозим аст, ки ин гуна шеърњо бештар дар оњангї бачагона навишта шудаанд. Аз ин рў, ин гуна шеърњоро шеърњои бачагона мебошанд. Ё ки шеъри дигар дар васфи модар:

***Бе ту…***

*Бе ту тифли безабонам,*

[39] Њамин маљмўа.сањ.126-127.
[40] Њамин маљмўа.сањ.161.

*Бе ту тањо дар љањонам,*

*Бе ту ман хори замонам,*

*Модари ман – ховари ман.*

*Нурполо ахтари ман.*

*Бе ту мирам бенишон аст,*

*Боѓи умрамро хазон аст,*

*Осмонам остон аст,*

*Модари ман – ховари ман.*

*Нурполо ахтари ман.*[41]

Њамин тавр, дар шеъри дигари Мамсъуд Мирзо образи аљибро мебинем, ки шоир бо сад дарду алам ва тамоми ормонњояш тасвир кардааст, ки њиссиёти одамро ба љўш меорад. Шоир образи «ман»-ро ќањрамони лирикии худ интихоб намудааст. Мумкин аст, ки шоир њамон «ман»-и худро дар симои ќањрамонаш љо дода бошад, яъне тимсоли «ман» дар шеъри мазкур шояд худи шоир бошад. Аниќтараш онро дар шеър мебинем:

*Мерасад рўзе, ки аз ман мекунї ёд,*

*Аз мане, ки зиндагонеш*

*сар ба сар ёди ту буда,*

*Аз мане, ки дар вуљудаш*

*ѓайрати ту аз ман асар нест,*

*Аз мане, ки бо ту пайваст хешро аз худ рабуда.*

*Мерасад рўзе, ки аз ман мекунї ёд,*

*Аз мане, ки ў туро оинаест.*

*Аз мане, ки давлати дунё надорад,*

*Лек бо ёдитуву дунёи ту*

*Бебањо ганљинаест.*

[41] Њамин маљмўа.сањ.161.

*Мерасад рӯзе, ки аз ман мекунї ёд,*

*Аз мане, ки њамчу ишќаш,*

*Њамчу розу армонаш,*

*Бениёзу бениёзу безабон аст.*

*Аз мане, ки достони сад забон асту њанӯз,*

*Бањри ту рози нињон аст.*

*Мерасад рӯзе, ки аз ман мекунї ёд,*

*Мерасад рӯзе, ки шеъри ман ба дастат мерасад,* -

*Чун рахи дидори ту,*

*Дуру дарозу сактадор.*

*Чун вуљудам,*

*Норасову нобаљову ногувор.*

*Мерасад рӯзе, ки аз ман мекунї ёд,*

*Мерасад рӯзе, ки аз ман,*

*Хам зи рози сар бошукӯњам.*

*Сабзањои рӯи гӯрам.*

*Мекунад бар ту њикоят,*

*Мекунад бар ту шикоят.*[42]

Тасвири хеле аљиб, дар нигоњи аваал дарк кардан ва људо кардани образњо мушклиро ба пеш меорад ва агар ба шеър амиќтар назар афканем аз гуфтањои шоир воќиф мегардем. Дар ин љо ба ѓайр аз шахси гӯянда, боз як образи дигари «ман» вуљуд дорад, ки он кадом «ман» аст? Ќањрамони лирикии шоир аст, ё худ шахсияти худи шоир? Барои инро муайян намудан шеърро борњо аз назар гузарондан ва бори аввал «ман»-и шоирро муайян намудан лозим аст.

[42]Њамин маљмӯа.сањ. 63.

Шоир дар мисраъњои аввали њар як банди шеъраш «*Мерасад рўзе, ки аз **ман** мекунї ёд»* шахси худро тасвир карда бошад, дар симои дигари ***«ман»*** , ки дар мисраъњои сонї омадаанд, ифодагари њолати рўњии ќањрамон, дунёи ботинї, њолати зоњирї, тамоми вуљуди шоир, љисму љони он, њастии ќањрамони лирикї, айёми љавонии шоир, сарбаландиву ѓурури волоии шоир – ошиќ, пасту баландїњо, шебу фарози зиндагии ў, айёми пирї – нотавонии ў ва њатто њолати баъди марги шоир мебошанд. Ин љо шоир «ман»-е, ки њамчун тимсоли алоњида интихоб намудааст, байни замону маконњо бањри дарёфти ормонњои ќалби худ, дарди кўњану деринае, ки дар айёми љавонї њамроњ гашта, дар ќалби ў маъво гирифтааст, њамеша дар тапиш, дар љустуљўи ишќ ва такопў аст. Шоир бо ин роњ тамому дарду њасрат ва љароњатњои ќалбаш, ки зи ишќ мондааст, ошкор баён мекунад. Шоир тавассути образи интихобкардаи худ - «ман» њамон тамоми даврони гузашта, љавонї, айёми ошиќї, ишќро, љисму љони шоирро дар азоб монда буд, мањкум мекунад ва бо њамаи онњо «ту» гўён мурољиат мекунад.

*Аз мане, ки зиндагонеш*

*сар ба сар ёди **ту** буда,*

*Аз мане, ки достони сад забон асту њанўз,*

*Бањри **ту** рози нињон аст.*

*Сабзањои рўи гўрам.*

*Мекунад бар **ту** њикоят,*

*Мекунад бар **ту** шикоят.*

Пас, маълум мешавад, ки шоир тимсоли «***ман***»- худро бо тамоми сарнавишти худ, аз айёми таваллуд њатто баъди маргаш тањти тимсоли «***ту***» муќобил мегузорад. Ин тарзи тасвир сар то по дар шеър ба назар мерасад. Маълум мегардад, ки шоир аз санъати тазод низ моњирона ва табиї истифода бурдааст. Дар љои дигар бошад, шоир санъати тањнисро истифода бурдааст:

***Мерасад*** *рўзе, ки шеъри* **ман** *ба дастат* ***мерасад***, -

*Чун рахи дидори* ***ту****,*

*Дуру дарозу сактадор.*

Њамин тариќа, аз тањлил ва баррасии як чанд шеърњо, асосан дар эљодиёти Масъуд Мирзо, Рустами Њусейнзод, Нодир Нодирї маълум шуд, ки аз шаклњои нави шеърї асосан шеъри нав мавќеи асосї дорад. Дар эљодиёти Масъуд Мирзо шеъри нав бо хусусиятњои хоссаи худ фарќ карда меистад. Масъуд Мирзо шоири навпардоз аст. вай тавассути образњои гуногуни рангин шеъри худро бой гардоднда аст ва онњо хеле бадеияти баландро соњиб гаштаанд. Шоир дар шакли нави шеър – шеъри ноанъанавї, яъне шери нав, сафед, озод мазмунњои анъанавї чун ишќ, ошиќї, модар , ватан, зиндагї ва ѓайраро тасвир карда тавонистааст. Аз ин рӯ, шоир дар мазмунофаринї дар шеъри Сӯх, умуман ***шеъри тољикии имрӯза*** **(**алњол, имрӯзи кунунї**)** мавќеи хоссаи худро соњиб аст, ки шеърњояш исбот менамояд.

Шоир дар шеъри зерин низ образи «модар»-ро ба таври рамзї овардааст ва он њам сар то по аз мазмунњои фалсафии њаёт иборат аст, ки як навъ характери шоирро кушода додааст. Яъне шоир хеле камтар будани худро нишон дода, бо вуљуди ин ќадар шеър гуфтанаш васфи ишќи ирфонї, замин – модар, ватан табиат ва хоксорию камтарии худро тавассути як маќоли ***«Кори њар буз нест хирман куфтан»*** баён кардааст:

*Ман бароят модари љон,*

*То њанӯз шеъре нагуфтам,*

*Дар сифотат, эй њама њастии ту олисифат,*

*Гавњари њарфе насуфтам.*

*Ман чї гӯям?*

*баски худ шери тамомї,*

*Ончунон шеъре, ки њар як нуќтаву њар хат бадеъ,*

*Сурату сират бадеъ.*

*Ончунон шеъре, ки эљоди Худост,*

*Ончунон шеъре, ки эъљози Худост.*

*Ман чӣ гӯям?*

*Аз њама ташбењи ман,*

*Асли ту болотару бењтар бувад.*

*Бањри тасвират кадомин вољае,*

*Бењтару олитар аз «Модар» бувад?*

*Модари љонам чӣ гӯям?*

*Бањри тасвири љамоли офтоб,*

*Бањри тасвири камоли офтоб.*

*Н-ояду њаргиз намеояд ба кор,*

*Шамчироѓи хирае андохтан!*

*Ман чӣ њам гӯям, ки бар љо гуфтаанд:*

***«Кори њар буз нест хирман куфтан»***

*Ман чӣ гӯям?*

*Васфи Ту,*

*Васфи Худованду Ватан…*

*Нест кори норасое њам чу ман*

*Модаро, бахшо маро бори дигар,*

*Хоксорӣ гар кунам, хокам барсар.* [43]

Бояд гуфт, ки забон ва услуби шоир хеле содда ва равон аст. аз таъбирњои халќӣ истифода бурдани он як навъ забони шеърро содда кардааст.

[43]Њамин маљмўа.сањ. 63-64.

## *ХУЛОСА*

Дар љараёни тањлил ва баррасии ашъори шоирони муосири Сўх чи аз љињати шакл ва чи аз љињати мазмун ба хулоса омадем, ки аллакай дар он љо доираи адабие ташаккул ёфтааст, ки дур аз марказ ва доирањои калони адабї, чун Самарќанд, Бухоро, Хўљанд, муњити хоссаи худро соњиб аст.

Адабиёти чандинњазорсолаи тољик низ имрўз дар Ўзбекистон риволљу равнаќ ёфта истодааст. Дар ин љода мардуми тољики Сўх низ ширкат меварзанд. Баробари бо забони модариашон, дарс хонан, тањсили илм кардан, дар рушду равнаќи адабиёти тољик, адабиётшиносии тољик њиссагузоранд.

Сўх, ки яке аз масканњои ќадимтарин аст, гузашта аз ин дар мавзеъњои гуногуни олимон, орифону фозилоне буданд, ки онњо чароѓи маърифатро афрўхта буданд, осори хеле зиёди назмию насрї офарида буданд.

Дар давраи истиќлол низ мардуми Сўх аз имкониятњои фароњам истифода бурда, барои боз њам нашъунамо ёфтани адабиёти њазорсолаи тољик њиссаи худро гузошта истодаанд. Анъанаи устоди шогирд низ ба хубї ба роњ монда шудааст. Ба ѓайр аз ин мањфилњои адабї, мактабњои адабї низ амал мекунанд, ки дар онњо мавќеъ ва эътибори эљодкорони фидої ба монанди Нодир Нодирї, Њамробой Илњом, Абдурањим Бењбуд, Рањмонљон Очилдизода ва ѓайра босазо аст.

Њамин тавр, дар доираи адабии Сўх шоиру нависандагони соњибистеъдод хеле зиёданд, ки мањсули эљоди онњо дар матбуоти даврї

низ рўи чопро дидааст ва имрўз њам намунањои ашъори шоирони Сўхро дар рўзномањои «Овози тољик», «Садои Сўх» диданамон мумкин аст. Доир ба рўзномаи «Садои Сўх» гуфтанамон мумкин аст, ки он як навъ оинаи адабиёти Сўх аст, барои он ки як-ду сањифаи он одатан пурра адабї – бадеї аст, Гарчанде ки он рўзномаи њокимияти нохия асту ранги сиёсї – иљтимої дорад.

То њол дар Сўх як чанд шоиру нависандагон эљод мекунанд, ки баъзе онњо њатто  ба дарањаи мактабдор расидаанд, ки Нодир Нодирї аз зумраи онњост. Шоир Нодир Нодириро ќариб, ки њамаи шоирони Сўхзамин устоди худ мешуморанд. Ў тўли чанд сол мањфили «Худафрўз»-ро рањбари карда омадааст.

Ба ѓайр аз ин боз як чанд маљмўањои хурд – хурд низ дастраси хонандагон гардидаанд. Барои мисол: «Гулдастаи ишќ» (С.Њушёрї, Хўљанд, 2000), «Љилои ахтарони Сўх» (мураттиб Љ.Љамол, Тошканд, 2002), «Сухрўд шоњиди бостони ман аст» (Асад, Тошканд: «Истилол», 2005), «Таќдир» (Н.Мањматова, Фарѓона, 2009), «Накњати гулњои Лазар» (мураттиб Љ.Собиров, Фарѓона, 2008), «Фурўѓи маънї» (мураттиб Љ.Собиров, Фарѓона, 2011), «Гулгашти хаёл» (Н.Сунатулло, Тошканд, 2011), «Рангинкамони умр» (Р.Тошматов, Тошканд,2011), «Шукронаи Ватан» (Р.Ањмадзод, Фарѓона, 2011) ва монанди инњоро номбар кардан мумкин аст, ки дар онњо  мањсули андешањои амиќи муаллифон, афкори ишќї, фалсафї, ватандїстї, инсонпарастї, шукргузорї ба ватани озоду обод ва њаёти фаровон, мавзўъњои модар, ишќ, ахлоќ, муњаббат, таърих, дўстї, табиат ва ѓайра дарљ гардидаанд.

Чи хеле ки дар бобњои болої ќайд намудем, дар шеърњои шоирони Сўх љанбаи халќона пурзўр аст. онњо баробари эљод намудани шеърњои анъанавии чун ѓазал, рубої, дубайтї, ќитъа, шеърњое офаридаанд, ки асосашонро имкониятњои дохилии худи мардуми Сўх баромада омадааст. Яъне онњо њамеша бо нафаси мардум зиндаанд ва дар ашъори худ оњангњои

халќиро дарљ кардаанд. Аз шоирон, алалхусус, Мубориз ашъори њаљвие офаридааст, ки он ба эљодиёти дањонии мардум омезиш ёфтааст. Мубориз гарчанд дар шевои мардум эљод мекунад, шеърњои ў нишонро аниќ мегиранд. Барои он ки ин тарзи тасвири шоир аст, яъне шоир барои ошкоро баён кардани муносибати худ нисбати љамъияташ, замонаш њамин роњро интихоб намудааст. Шеърњое, ки дар назари аввал њаљвї метобанд, лекин онњо як навъ муаммоњои  љиддии байни мардумро дар бар мегиранд. Яъне шоир фикру андешањои худро тавассути њаљв баён кардааст. Барои мисол, порчае аз шеъри  «Табрики солинавї»-и  Олимљон Олимов (Мубориз), меорем, ки ба кулли мардуми Сўх, умуман гирем нисбати љаъияти кунунї ба тариќи хитоб гуфта шудааст:

*Иќболи нав муборак,*
*Ин њоли нав муборак.*
*Эй мардуми Сўхзамин,*
*Боз соли нав муборак!*
*... Эй дил ало – булоњо,*
*Пешина кайфуллоњо,*
***Эй мусича муллоњо,***
*Саќоли нав муборак!*
***Нотавон сардорњое,***
*Ѓалтонда деворњое,*
***Чала монда корњое,***
*Кашоли нав муборак!*
*Боло ќаду ќоматњо,*
***Бардурўѓ сиёсатњо,***
***Ваъдадењ депутатњо,***
*Боз «рол»-и нав муборак!*[44]

***

[44] Садои Сўх (рўзнома). Табрики солинавї. №24-1, 2-уми январи соли 2012, сањ. 3.

Ин шеър дар назари аввал чун шеъре намоён мешавад, ба таври њазлу шўхї гуфта шудааст. Аммо дар шеър мазаммат карда шудани як ё як гурўњи ашхоси алоњида, ранги љидии иљтимої гирифтааст.

Масъалаи дигар дар ашъори шоирони Сўх зуллисонанйнї мебошад. Илова бар ин шоирони соњибмаљмўа дар маљмўањои худ шеърњои ширу шакари худро низ овардаанд. Барои мисол, дар маљмўаи ашъори Мањматова Назира, ки «Таќдир» ном дорад, шеърњои шоира бо ду забон љамъ оварда шудаанд:

…Ту макони мењмони сайёњї,
Зиёратгоњї ободат муборак.
Туї гањвораи фазлу тамаддун,
Самарќанду Бухороят муборак!
Эй ватанам, хуш бошу хуш намо,
Кўчањои гулзори ту муборак![45]

***

Наврўз келди нурларин сочиб,
Кутиб олдик баѓримиз очиб.

Гул диёрим мисоли бўстон,
Ќувончларим айлайин достон.

Ой кўриниб ошиќ кўзига,
Оро берер ќизлар ўзига.

Шундай суюк бизларга Наврўз,
Шундай буюк бизларда Наврўз![46]

---

[45] Мањматова Н. Таќдир. Фарѓона, 2009, сањ. 10.
[46] Мањматова Н. Таќдир. сањ. 22.

Муламмаъ дар шеъри Неъмати Суннатулло ба назар мерасад:

… Соѓинар њатто Хуршеду фалак шабњо туро,
Туймагай њуснинга ою ахтарон њам дар само.
Ерда олам ањли њар дам ташнаи дидори ту,
Оналардек сен азизу мўътабар њастї ба мо.

Бу табиат кузгусидир чашмањофт бегумон,
Тоѓу чўќќилар ба сони мардумони боѓурур.

Неъматулло, хизматинга бастааст маънкам миён,
Сени куйлаш аз барояш оварад садњо сурур.[47]

Сўх, ки яке аз масканњои ќадимтарин аст, гузашта аз ин дар мавзеъњои гуногуни Сўх олимон, орифону фозилоне буданд, ки онњо чароѓи маърифатро афрўхта буданд, осори хеле зиёди назмию насрї офарида буданд. Маќоми Сўх дар забону адабиёти њозираи тољикии Ўзбекистон хеле баланд буда, мавќеи хоси худро соњиб аст. Шоиру нависандагони сўхї пайваста бо рўњи истиќлолият эљод мекунанд ва дар риволљу равнаќи адабиёти тољик њиссагузоранд.

Њамин тариќа, фикрњои хешро дар интињо бо шеъри мазкури шоири хушсалиќа ва хушбаёни Сўхзамин Њамробойи Илњом њусни анљом мебахшем:

***Мисли дарё шўри дил дигар кунем,***
***Сонњили лабташна аз нав тар кунем.***
***Як нигоњи пурхумори ёр бас,***
***Ки дигар тарки маю соѓар кунем.***
***Мо ба ќасди ин њама бедавлатон,***
***Бояд аз нав тољро бар сар кунем.***
***Ќадри мењанро надонанд кўчиён,***
***Љон фидои ин хоки кишвар кунем.***
***Њамзабонони забонгумкардаро,***
***Садќаи њарфи тари модар кунем.***
***Гар љањон ба тангчашмон танг шуд,***
***Олами дил боз пањнотар кунем.***
***То хирад мискин набошад баъд аз ин,***
***Дил ба њар ањли сухан ахтар кунем.***[48]

[47] Суннатулло Н. Гулгашти Хаёл. сањ. 12.
[48] .

# *АДАБИЁТ*:


1. Каримов И. Юксак маънавият – енгилмас куч. –Тошканд: 2008. 176 бет.
2. Каримов И. Ўзбекистон ўз тараќќиёт йўлида. –Тошканд: 2008. 196 бет.
3. Бобоев Ю. Назарияи адабиёт. -Душанбе: Маориф, 1990, 324 сањ.
4. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. -Душанбе: Маориф, 1990, 334 сањ.
5. Зењнї Т. Санъати сухан. -Душанбе: Ирфон, 1967, 302 сањ
6. Њамроев Љ. Наќди шеър. –Душанбе: 2005. 136 сањ.
7. Њазратќулиён Д. Поэтикаи шеъри Фарзона. –Тошканд: 2011 , 130 сањ.
8. Љилои ахтарони Сўх. -Тошканд: Нашр. Адабиёт ва санъати ба номи Ѓ.Ѓулом, 2002, 240 сањ.
9. Љўраев Ф. Сўх андар кўњест…. –Конибодом: 1993, 30 сањ.
10. Љўраев Ф. Кохи ёдгор.- Конибодом:1994, 24 сањ.
11. Љўраев Ф. Кошонаи умед. –Исфара: 1995, 30 сањ.
12. Њушёрї С. Гулдастаи ишќ. –Хўљанд: 2000, 96 сањ.
13. Асад. Сухрўд шоњиди бостони ман аст.- Тошканд: Истиќбол, 2005, 96 сањ.
14. Љ.Собиров. Накњати гулњои Лазар. –Фарѓона: 2008, 80 сањ.

15. Маҳматова Н. Тақдир. –Фарғона: 2009, 32 саҳ.

16. Фурӯғи маънӣ (маҷмӯа). –Фарғона: 2011, 116 саҳ.

17. Аҳмадзод Р. Шукронаи Ватан. –Фарғона: 2011, 80 саҳ.

18. Суннатулло Н. Гулгашти хаёл. -Тошканд: Шарқ, 2011, 96 саҳ.

19. Садои Сӯх (рӯзномаи иҷтимоӣ – сиёсӣ ва адабӣ – бадеӣ). Оғози нашр соли 1951.

20.Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1.Москва, 1969.

21. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2.Москва, 1969.

*22.* Ғафуров Б. Тоҷикон (варианти элек. doc).

23.www. Omuzgor. My.ru\\...

24. Tg. Wikipedia. Org\\ wiki…

25. Shodmon.wordpress.com

26. Literature.tarena.tj

*27.* Zarowodk.ru.khuistan\\shoironi-noshi…

## МУНДАРИЉА


**МУЌАДДИМА……………………………………………………..3 – 11**

**БОБИ 1. ЖАНРЊОИ АНЪАНВЇ ДАР МАЉМЎАИ «ЉИЛОИ АХТАРОНИ СЎХ»…………………………………………...12 – 32**

**1.1. Дубайтї**

**1.2. Рубої**

**1.3. Ѓазал**

**1.4. Мухаммас**

**1.5. Навъњои дигари жанр**

**1.6. Шеъри нав**

**БОБИ 2. ШАКЛЊОИ НАВИ ШЕЪРЇ…………………….…….33 – 51**

**ХУЛОСА…………………………………………………………52 – 56**

**АДАБИЁТ ………………………………………………………..57 – 58**